*Ҷӯдаи Ваҳдат фараҳбез аст, дар ин ҷӯда бош,*
*Дил агар дорӣ, ту бар хоки Ватан дилдода бош.*

**Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун**

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №80-81 (2907-2908) | СЕШАНБЕ, 26 ИЮНИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|---|





*Понздаҳ сол пеш - 27 июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расида, ба диёри мо файзи сулҳу ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмӣ овард. Бо шарофати Ваҳдати миллӣ раванди бунёдкориву созандагӣ дар кишвар вусъат ёфта, бомаром идома дорад. Ҷашни фарханидаи Ваҳдати миллӣ ба ҳамватанони азиз муборак бошад!*

# Таъмини рушди устувор ҳадафи стратегии мост

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи умумии Конфронси СММ оид ба рушди устувор

***Рио - де - Жанейро, 20 июни соли 2012***

**Мӯҳтарам ҷаноби Раис, мӯҳтарам Дабири кулли СММ, хонумҳо ва ҷанобони мӯҳтарам!**

Раванди РИО ба ҳукуматҳо барои ҷалби таваҷҷуҳи худ ба ҳалли масъалаҳои ҳаётии марбут ба рушди устувор такони бузург дод. Тайи ду даҳсолаи гузашта роҳи калоне тай шуд, вале на ҳама вазифаҳо ҳал гардиданд.

Таҷрибаи муштарак нишон медиҳад, ки ҳалли масъалаҳои мубрами рушди устувор фақат бо саъю кӯшишҳои умумӣ ва густариши равобити ҳамкорӣ имконпазир аст.

Изҳори умедворӣ мекунем, ки конфронси имрӯза пешрафтҳои то алҳол суратгирифта ва камбуду норасоиҳои дар татбиқи қарорҳои мулоқотҳои бузурги сатҳи олӣ оид ба рушди устувор ҷойдоштаро мавриди арзёбӣ қарор медиҳад ва мушкилоти наву зуҳурёбандаро баррасӣ намуда, ҷонибдории сиёсии худро ба рушди устувор таъйид хоҳад кард.

Шубҳае нест, ки натиҷаҳои конфронс асоси гузариши босуръату асоснок ба иқтисоди «сабз» - ро мегузоранд, ки ин бояд ба фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва аз байн бурдани камбизоатӣ аз ҳисоби инвеститсияҳо барои нигоҳ доштани сарватҳои табиӣ мусоидат намояд, зероояндаи сайёраи Замин вобаста ба он аст.

Таъмини рушди устувори иқтисодӣ, ки мақсад аз он баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар аст, мақсади стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин муносибат дар ҳуҷҷатҳои асосии оид ба рушди мамлакат, аз ҷумла дар Стратегияи миллии рушд то соли 2015, стратегияҳои миёнамӯҳлати коҳиш додани камбизоатӣ, стратегияҳои рушди бахшҳои дахлдори иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ инъикос ёфтааст.



Ҳукумати Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки бо истифода аз ҳама захираю имконоти мавҷуда, давоми панҷ соли наздиктарин рушди онро ба дараҷаи 7 – 8 фоиз барорад, ки ин таҳкурсии мустаҳками рушди устувори мамлакатро мегузорад.

Ҳадафҳои стратегии сиёсати давлат чунинанд: ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ; аз бунбасти наклиётию коммуникатсионӣ баровардани мамлакат ва таъмини амнияти озуқаворӣ.

Дар ҳоли ҳозир барқароршавии рушди устувор дар Тоҷикистон аз рӯйи самтҳои зерин сурат мегирад:

- бунёди иқтисоди иҷтимоихоҳи бозаргонӣ;
- хоҷагидории самарабахш ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ;
- ташаккул додани ҷомеаи муосири шаҳрвандӣ.

Тоҷикистон аз соли 2000 – ум инҷониб ба татбиқи чорабиниҳо барои расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола шурӯъ намуд.

Дар ҳошияи ин саъю кӯшишҳо мушкилоти коҳиш додани камбизоатӣ самти авлавиятдори сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст. Мутобиқи натиҷаҳои таҳқиқи якҷояи сатҳи зиндагии аҳолии Тоҷикистон, ки Ҳукумат ва созмонҳои мустақил анҷом додаанд, сатҳи камбизоатӣ дар кишвар аз 73 фоиз дар соли 2003 – ум дар соли 2007 то 53 фоиз ва алҳол то 41 фоиз паст шудааст. Дар натиҷаи ин сатҳи зиндагии беш аз 1 миллион нафар одамон баланд гардид.

Мадди назар аст, ки дар сурати нигоҳ доштани тамоюли ҳозира ва суръати коҳишёбии устувори камбизоатӣ то соли 2015 сатҳи он дар Тоҷикистон 30 фоиз паст карда мешавад. Бо вуҷуди ин ҳам ин мушкилоти камбизоатиро аз фаъолияти мо дур намекунад ва он барои мо чун мушкилоти аввалиндараҷа боқӣ мемонад.

Истифодаи самарабахшу сарфакоронаи захираҳои табиӣ, ки қисмати асосии иқтисоди «сабз» маҳсуб мешаванд, рушди соҳаи иҷтимоӣ ва нигоҳ доштани системаҳои экологӣ, ташкили механизмҳои якхелаи идора ва дастгирии муҳити бозаргонӣ ҷузви сиёсати ислоҳот дар Тоҷикистон мебошанд. Ҳадаф аз ин сиёсат расидан ба мақсадҳои рушди устувор мутобиқи Эъломияи Ҳазорсолаи Созмони Милали Муттаҳид аст.

Захираҳои замин дар таъмини амнияти озуқавӣ, рушди устувори иҷтимоию иқтисодии деҳот ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ мақоми муайянкунандаро касб менамоянд. Дар шароити 93 фоизи қаламрави кишварро ташкил додани кӯҳсор истифодаи самарабахшу оқилонаи заминҳои кишоварзӣ талаб карда мешавад, ки дар баробари маҳдудияти масоҳаташон дучори чунин равандҳои манфӣ, ба монанди эрозияи замин, кам шудани ҳосилнокии он ва ғайра гардидаанд.

Ҳукумат бо назардошти ин, ба манзури таъмини устувории захираҳои замин барои дастгирии кишоварзӣ ва беҳдошти бахши истеҳсоли маводи ғизоӣ, ҳамчунин такмили тадбирҳо оид ба ҳифзу истифодаи оқилонаи захираҳои замини кишвар барномаҳои дахлдорро тарҳрезӣ намудааст.

Таъмини дастрасии умум ба хидматрасониҳои муосири энергетикӣ, афзун намудани самарабахшии энергия варивоҷи истифодаи манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия масъалаҳои басо муҳими рушди устувор мебошанд. Ин хусусан барои кишварҳои қашшоқ ва дур аз ҳудудҳои инфрасохтории кӯҳӣ муҳим аст.

**(Идома дар саҳ. 2)**



Суратгир А. ИСОЕВ

# Дар Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**25 июни соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ рӯзномаи ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ кард.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Х. Юсуфӣ масъалаи нахустини рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи «Феҳристи шахсоне, ки ба гирифтани нафақа барои хизмати шоён дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд» - ро, ки ба муҳокимаи аъзои Шӯро пешниҳод гардид, таври муфассал шарҳ дод.

Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти пешниҳоду эродҳои баёншуда қабул гардид.

Доир ба масъалаҳои дигари рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳакимова Х.Ф.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон баровардани Ҳакимова Х.Ф.» ва «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузориши Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» низ қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуданд.

Мувофиқи муқаррароти қарорҳои мазкур ин масъалаҳо ҷиҳати баррасӣ ба ҷаласаи Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод гардиданд.

Масъалаҳои зерини рӯзнома - «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шикор ва сайдпарварӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тайёрии варзишӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсол ва муомилоти спирти этилӣ, машрубот ва маҳсулоти спиртдор», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» -ро мудири шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Охунов ба баррасии аъзои Шӯро пешниҳод намуда, тавзеҳ доданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи масъалаҳои мазкур таври алоҳида қарорҳо қабул карда, масъалаҳои номбурдаро барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуданд.

Қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои охирини рӯзнома - «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум» қабул гардиданд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, «Садои мардум»***

# Таъмини рушди устувор ҳадафи стратегии мост

(Идома аз саҳ. 1)

Дар Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи барномаю лоиҳаҳои бахши гидроэнергетика, ба бунёди неругоҳҳои хурду миёнаи барқӣ, ки минтақаҳои кӯҳсори мамлакатро бо барқ таъмин менамоянд, аҳамияти калон дода мешавад. Дар робита бо ин, Тоҷикистон ташаббуси Дабири кулли СММ – «Энергетикаи устувор барои ҳама» - ро дастгирӣ менамояд.

Қобили зикр аст, ки мамлакати мо неруи бузурги гидроэнергетикӣ дошта ва ояндаи он вобаста ба истифодаи самарабахшу оқилонаи ин намуди энергия мебошад. Ҳиссаи энергияи неругоҳҳои барқи обӣ ба балланси энергетикии кишвар 98 фоизро ташкил медиҳад. Тоҷикистон чор фоизи захираҳои ҷаҳонии гидроэнергетикиро дорост, ки дар як сол 527 миллиард киловатт – соатро ташкил медиҳад.

Ин рақам аз эҳтиёҷоти ҳозираи минтақаи Осиёи Марказӣ ба неруи барқ, ки дар он асосан неругоҳҳои барқи ҳароратӣ истифода мешаванд, беш аз се баробар зиёд аст. Ҳоло қариб 3,2 фоизи ин неру аз худ карда шудааст.

Дар сурати роҳандозӣ намудани ҳамкории якхела қудрати содиротии Тоҷикистон метавонист то соли 2020 - ум 30 миллиард киловатт - соатро ташкил диҳад, ки ин ҳам ба рушди «Иқтисоди сабз» дар кишвар мусоидат менамуд. Ин ҳама имкон медиҳад, ки таъсир ба муҳити зист ба андозаи зиёд коҳиш дода ва сатҳи шуғли аҳолӣ баланд гардад.

Чунин вазъият аз мо таваҷҷуҳи бештареро ба масъалаи бунёди иншоотҳои гидроэнергетикии тавлидкунандаи барқ талаб мекунад. Тайи солҳои охир дар мамлакат беш аз 260 неругоҳи барқи обии хурду миёна, хатҳои баландшиддати интиқоли барқ бунёд гардида, шабакаи ягонаи энергетикии кишвар таъсис ёфтааст.

Чунин мешуморем, ки имрӯз бояд масъалаҳои истифодаи самарабахши захираҳои энергетикӣ ва оби минтақа, бо назардошти одат кардан ба тағйири иқлим, мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

Дар ин самт натиҷаҳои амалиро метавон бо усули ташкили идораи устувори захираҳои об, ҳалли мушкилоти хоҷагии об дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ дар заминаи истифодаи пурраи дастгирии байналмилалӣ ва саъю кӯшишҳои миллӣ ба даст овард.

Комилан мантиқист, ки вақтҳои охир сарварон ва ҳукуматҳои ҷаҳон аксаран диққати худро ба масъалаҳои захираҳои об ҷалб менамоянд, зеро онҳо, бо назардошти аҳамияти стратегии худ, барои ҳалли масъалаҳо дар ҳамаи бахшҳое, ки асоси рушди устуворро ташкил медиҳанд, басо муҳиманд. Ҳамкорӣ дар бахши захираҳои об барои расидан ба мақсадҳои соҳаи рушд, ки дар Эъломияи ҳазорсола зикр ёфтаанд, аҳамияти ҳалкунанда дорад. Об ҳамчунин омилест, ки муносибатҳои мутақобилаи минтақавиро ташаккул медиҳаду сулҳу амният аз бисёр ҷиҳат вобаста ба он мебошанд.

Дар робита бо ин, Маҷмаи Умумии СММ бо пешниҳоди Тоҷикистон соли 2003 – ро Соли байналмилалии оби тоза ва солҳои 2005 – 2015 – ро Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об -барои ҳаёт» ва соли 2013 – ро «Соли байналмилалии ҳамкории об» эълон намуд.

Мо умедворем, ки рӯйи кор овардани ин соли байналмилалӣ ба густариши ҳамфикрию ҳамкорӣ дар ҳамаи пояҳо, расидан ба мақсадҳои дар сатҳи байналмилалӣ мутобиқшудаи бахши таъмини об ва санитария, ҳамчунин нигоҳ доштани захираҳои об барои наслҳои оянда, мусоидат мекунад.

Тоҷикистон барои расидан ба мақсадҳои Соли байналмилалии ҳамкории об пешниҳод менамояд, ки Муколамаи интерактивии Маҷмаи умумии СММ ва дар охири ҳамон сол Конфронси байналмилалии СММ аз рӯйи масъалаҳои ҳамкории об доир карда шавад.

Тағйир ёфтани иқлим яке аз таҳдидҳои имрӯзаест, ки минтақаи Осиёи Марказӣ ва аз ҷумла, мамлакати мо дучори он мегардад. Оқибатҳои экологию иҷтимоии тағйири иқлим боиси ташвиши умум мегарданд. Таъсири тағйири иқлимро дар мисоли обшавии пиряххои Тоҷикистон равшан дидан мумкин аст. Дар Тоҷикистон беш аз 14 ҳазор пиряхи калону хурд мавҷуд буд, ки қариб шаст фоизи маҷрои дарёҳои минтақаро таъмин менамоянд. Воқеан, тайи якчанд даҳсолаи охир беш аз ҳазортои ин пиряхҳо аз байн рафтанд.

Дар партави ин ҳодиса ва рушди демографии кишварҳои Осиёи Марказӣ пиряхҳо, захираҳои барф, кӯлу дарёҳои кӯҳӣ ва манбаъҳои дигари захираҳои оби минтақа, ки на фақат суботи экологӣ, балки рушди иҷтимоию иқтисодии ҳамаи мамлакатҳои минтақа низ вобаста ба ҳолати онҳоанд, таваҷҷуҳи хосаро тақозо мекунад.

Бо назардошти ин, мо умедворем, ки ниҳодҳои байналмилалӣ ва мамлакатҳои мададгор пешниҳоди моро дар бораи таъсис додани Бунёди байналмилалии нигоҳдории пиряхҳо дастгирӣ мекунанд.

Тағйири иқлим ҳамчунин хавфи афзоиши суръат ва зуд - зуд такрор ёфтани офатҳои табииро ба миён меоранд, ки онҳо монеаи ҷиддии сари роҳи расидан ба рушди устувор мебошанд. Зарур мешуморем, ки фаъолияти муштарак барои коҳиш додани хавфу хатар ва кам кардани оқибатҳои офатҳои табиӣ пурзӯр карда шавад. Ҳар сол офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон зарари бузурги иқтисодию маънавӣ расонида, ҳазорҳо нафар сокинони кишвар аз хонаю ҷой маҳрум мегарданд, мутаассифона, аксар вақт одамон ҳалок мешаванд. Зарари ҳарсолае, ки ба иқтисоди мамлакат мерасад, садҳо миллион доллари ИМА – ро ташкил медиҳад. Офатҳои табиӣ на фақат зарари ғайричашмдошт мерасонанд, балки саъю кӯшишҳои кишварро бобати расидан ба мақсадҳои рушди устувор ҳам суст мегардонанд ва дар татбиқи барномаю стратегияҳои коҳиш додани камбизоатӣ душвориҳои иловагиро ба миён меоранд.

Кӯҳҳои Тоҷикистон на фақат манбаи муҳимтарини захираҳои об, энергетика ва биологияи мамлакат ва минтақа мебошанд, балки барои барҳаёт мондани системаи экологии минтақа ҳам мақоми асосӣ доранд. Обшавии босуръати пиряхҳои Тоҷикистон ва такроршавии офатҳои табиӣ дар даҳсолаи охир аз он далолат мекунанд, ки минтақаҳои кӯҳсор ҳама тағйироти атмосферию иқлимиро бештар ҳис намуда ва аҳолии онҳо ба ҳар тағйироту хатарҳои глобалӣ бештар осебпазиранд.

Дар робита бо ин, Тоҷикистон чун кишвари кӯҳсор, ба мушорикату ҳамкорӣ дар масъалаҳои идораи рушди захираҳои кӯҳистон ва рушди иҷтимоию иқтисодии аҳолии минтақаҳои кӯҳсори ҷаҳон ҳар чӣ бештар манфиатдор аст.

Тоҷикистон бо назардошти осебпазирии мамлакатҳои кӯҳсор ба офатҳои табиӣ ва таъсири тағйири глобалии иқлим, ҳамчунин мушкилоти иҷтимоию иқтисодии онҳо марбут ба мавҷуд набудани дастрасӣ ба баҳрҳо, маҳдудияти захираҳои энергия ва озуқа, ки ин монеаи рушди устувори онҳо мегардад, ба даъватҳои бархе мамлакатҳо дар бораи қисман аз қайд баровардани қарзҳои мамлакатҳои воқеъ дар кӯҳистон ва ба кӯмакҳои бебозгашт табдил додани онҳо ҳамроҳ мешавад. Ин имкон медод, ки маблағҳои озодшуда барои расидан ба мақсадҳои рушди устувор ва ҳифзи муҳити зисти минтақаҳои кӯҳсор барои насли оянда мавриди истифода қарор дода шаванд.

Мо ҳамчунин ҷонибдори фароҳам овардани тартиби қобили қабултарин дар тиҷорат барои мамлакатҳои тараққиёбандае мебошем, ки роҳи сӯйи баҳрро надоранд.

Кӯҳистони Тоҷикистон барои рӯёнидани навъҳои сермаҳсултарину устувортарини растаниҳои ороишӣ, набототи дорусозӣ, растаниҳои маводи ғизоӣ ва зотҳои ҳайвонот имконияти пурқиматтари табиӣ дорад.

Ҳукумати мамлакат барои коҳиш додани таъсири антропогенӣ ба муҳити зист ба манзури нигаҳдории ин гуногунии биологӣ ва системаҳои дигари экологӣ ҳамаи чораҳои заруриро мебинад.

Харобшавии экологӣ, ки дар талафи замини ҳосилхез, биёбоншавӣ, истифодаи харобиовари ҷангалҳо, кам шудани захираҳои оби нӯшокӣ ва суръатҳои басо баланди талафи гуногунии биологӣ зуҳур меёбад, барои эҳё ва регенератсияи муҳити зист вақти кофӣ боқӣ намегузорад.

Аз таназзули баҳри Арал, ки сабаби асосии он истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои оби минтақа ҳангоми обёрӣ мебошад, дар Осиёи Марказӣ маҳз чунин манзараро метавон мушоҳида намуд.

Коэффитсиенти пасти таъсири муфиди системаҳои обёрии минтақа (камтар аз 51 фоиз), талафи бузурги об дар киштзор, системаи ғайрисамарабахши истифодаи об дар сатҳи гуногун, мавҷуд набудани механизмҳои иқтисодии идора ҳангоми камчинии захираҳои об мушкилии оби минтақаро сол аз сол душвортар мегардонад.

Илоҷи он фақат ҷорӣ намудани «технологияҳои сабз» дар бахши обёрӣ, идораи ҳамгироии захираҳои об дар сатҳи кишвару минтақа, баланд бардоштани коэффитсиенти таъсири муфиди системаҳои обгузаронӣ ва иншоотҳои гидротехникии дорои аҳамияти минтақавиро якҷоя нигаҳдорӣ намудани давлатҳо хоҳад буд.

Сарфаи воқеии обро дар бахши кишоварзии кишварҳои минтақа дар сатҳи миллию минтақавӣ бо роҳи риояи меъёрҳои хароҷоти об ҳангоми обёрӣ, ки дар он аслан то 60 фоизи оби аз манбаъҳои табиӣ гирифташаванда талаф мегардад, ба даст овардан мумкин аст. Сарфаи фақат 10 фоизи оби истифодашаванда метавонад ба ҳавзаи баҳри Арал дар як сол 12 километри мукааб об ворид кунад.

Ҳалли пурраи мушкилоти камчинии об ва рафъи хатарҳои марбут ба тағйири иқлим ва офатҳои табиӣ дар рушди гидротехника пайваста бо обанборҳои таъйиноти комплексӣ, дар шароити ҳамкории ҷонибҳои манфиатдор ба назар мерасад. Дар баробари ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки сатҳи миллии идораи ҳамгироишудаи захираҳои об пайваста бо сатҳҳои минтақавию глобалии рушди иқтисоди «сабз» роҳандозӣ шавад.

Аминам, ки муваффақона гузаронидани Даҳсолаи байналмилалии «Об -барои ҳаёт» - 2005 – 2015» ва Соли байналмилалии ҳамкории об – 2013 низ дар амри расидан ба мақсадҳои конфронси имрӯза оид ба об ва масъалаҳои дигари муҳими рушди устувор мақоми муҳимро касб менамоянд.

Дар робита бо ин, Тоҷикистон ҷонибдории худро аз баррасии масъалаҳои таҳкими чаҳорчӯбаи ниҳодии рушди устувор ва таъсиси мақоми байниҳукуматии сатҳи баланд оид ба рушди устувор, ҳамчунин роҳандозии раванди таҳияи маҷмӯи мувофиқашудаи ҳадафҳои фарогир дар соҳаи рушд, иброз медорад.

Дар фарҷоми сухан мехостам бори дигар изҳори умедворӣ намоям, ки конфронси имрӯза марҳалаи ҳалкунанда дар амри муайян намудани роҳҳои самараноки расидан ба рушди устувор гардида ва ба «ояндае, ки мо мехоҳем» саҳми арзанда хоҳад гузошт.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.**

# Об ҷузъи зарурии рушди устувор ва иқтисодиёти «сабз» аст

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии махсус оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об

*Рио-де- Жанейро, Бразилия 21 июни соли 2012*

**Ҳамкорони азиз, мӯҳтарам хонумҳо ва ҷанобон!**

Қабл аз ҳама мехоҳам ба ҳамаи шумо барои ширкат дар ин чорабинӣ изҳори миннатдорӣ намоям. Ба ақидаи мо, он қадами муҳиме дар пайроҳаи Соли байналмилалии ду ҳазору сенздаҳуми ҳамкорӣ дар соҳаи об мебошад.

Об як ҷузъи зарурии рушди устувор ва иқтисодиёти «сабз» аст. Бинобар ин, мо итминон дорем, ки дар доираи конфронси таърихии мазкури Созмони Милали Муттаҳид ба ҳалли масоили об таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Тоҷикистон яке аз ташаббускорони эълон намудани Соли байналмилалии оби тоза ва Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об- барои ҳаёт барои солҳои 2005-2015» ва инчунин Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об мебошад.

Аз ин рӯ, мо барои татбиқи босуръати рӯзномаи оби Созмони Милали Муттаҳид ва пурра кардани он бо чораҳои муосири амалӣ ҷиҳати ҳалли ботадриҷи ҳама мушкилоту таҳдидҳо, ки бо об алоқамандӣ доранд, хеле ҳавасманд ҳастем. Таназзул ва коҳишёбии вазъи захираҳои оби тоза барои рушди устувор монеа эҷод намуда, аз зарурати ҳамкориҳо байни бахшҳои асосии истифодабарандаи захираҳои об - кишоварзӣ, саноат, энергетика, таъминоти об, санитария ва муҳити зист шаҳодат медиҳад.

Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии фаъоли татбиқи рӯзномаи оби Созмони Милали Муттаҳид итминони комил дорад, ки маҳз инкишофи ҳамкорӣ ва ҳамшарикӣ байни истифодабарандагони гуногуни об, аз сатҳи маҳаллию миллӣ сар карда, то сатҳи минтақавию байналмилалӣ метавонад дар амри расидан ба ҳадафҳои таъминоти об ва санитария, инчунин ҳифзи захираҳои об барои наслҳои оянда, мусоидат намояд.

Аз ин лиҳоз, солҳои охир мо бо як қатор ташаббусҳо оид ба гузаронидани чорабиниҳои байналмилалии гуногуни доир ба масъалаҳои об баромад намудем.

Барои амалисозии ҳадафҳои Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об Тоҷикистон пешниҳод менамояд, ки 21 марти соли 2013 Муколамаи байналмилалии Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ва охири ҳамон сол Конфронси байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об гузаронида шавад.

Мо мадди назар дорем, ки дар ҷараёни баргузории ин чорабиниҳо баррасии мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби мавҷудаи ҳамкориҳо дар соҳаи об сурат гирад. Мо инчунин пешниҳод менамоем, ки иқдомҳои минбаъдаи мувофиқашуда барои истифодабарии оқилона ва одилонаи захираҳои об дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ муайян карда шавад. Дар ин ҷода Тоҷикистон ба дастгирии ҳайатҳои кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид дар амалисозии ин чорабиниҳо умед дорад.

Эътирофи мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби аҳолии осебпазир, ки барои ҳалли масъалаҳои таъминоти об ва санитария шароити зарурӣ ва маблағҳои кофӣ надоранд, хеле муҳим аст. Имрӯз дар ҷаҳон садҳо миллион одамон дар чунин вазъи осебпазир қарор доранд. Набудани имконоти дастрасӣ ба оби тоза барои чунин гурӯҳи одамон даҳҳо мушкилот ва таҳдидҳои дигарро, ба мисоли камбизоатӣ ва сар задани ҳар гуна бемориҳои сироятӣ, ба вуҷуд меоварад.

Ин мушкилот дар Эъломияи Ҳазорсола ва лоиҳаи ҳуҷҷати ҷамъбастии конфронси имрӯза дарҷ ёфтааст. Барои ҳалли он ба ҷомеаи байналмилалӣ зарур аст, ки ҳамкорию шарикии ҳамаҷонибаро ривоҷ диҳад.

Тоҷикистон кишвари соҳиби об ба ҳисоб рафта, қариб 60 фоизи захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ дар қаламрави он ташаккул меёбад.

Дар ин росто мехоҳам нақши гидроэнергетикаро, ки яке аз афзалиятҳои калидии рушди устувор ва манбаи асосии истеҳсоли барқ барои таъмини эҳтиёҷоти аҳолӣ ва иқтисодиёти мамлакат маҳсуб меёбад, зикр намоям.

Тоҷикистон манбаи дигари истеҳсоли барқ надорад, бинобар он талаботи мамлакат ба он аз ҳисоби азхудкунии манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия, аз ҷумла гидроэнергетика, ки имкониятҳои он бузург буда, ба панҷсаду бисту ҳафт миллиард киловатт- соат баробар аст, қонеъ гардонида мешавад.

Айни ҳол Тоҷикистон ҳамагӣ каме зиёдтар аз се фоизи иқтидори гидроэнергетикии худро истифода мебарад ва даҳсолаҳои охир ҳамасола бо мушкилиҳои бузурге рӯ ба рӯст, ки кишварро алалхусус дар фасли баҳору зимистон дар остонаи бӯҳрони энергетикӣ қарор медиҳанд.

Тоҷикистон аз чунин вазъият раҳоӣ ёфтанро танҳо дар инкишофи гидроэнергетикаи худӣ, бо назардошти эҳтиёҷоти кишварҳои минтақа ба захираҳои об ва ҳифзи муҳити зист, мебинад. Танҳо ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории ҳамаҷонибаи кишварҳои минтақа дар масъалаҳои истифодабарии оқилонаи захираҳои обу энергетика ва дигари табиӣ метавонанд ба ҳалли мушкилоти энергетикӣ, озуқаворӣ ва экологӣ мусоидат намоянд, ки онҳо бевосита аз истифодабарии оқилонаи ин захираҳо вобастагӣ доранд.

Ба масъалаи ҳамкориҳо дар соҳаи об дар сатҳи маҳаллӣ ва миллӣ масоили мубориза бо офатҳои табиӣ, ки бо об алоқамандӣ доранд, низ шомиланд. Масалан, ҳамасола офатҳои табиӣ ба Тоҷикистон хисороти зиёди иқтисодӣ ворид мекунанд, ҳазорон оила бе хонаву дар мемонанд ва даҳҳо нафар қурбон мешаванд. Дар баъзе мавридҳо нуқтаҳои аҳолинишин ба куллӣ бо инфрасохторашон – мактабҳо, роҳҳо, беморхонаҳо бо селоб шуста мешаванд ё ин ки дар зери ярч мемонанд. Барои чорабиниҳои барқарорсозӣ ҳамасола ҳиссаи бузурги буҷети мамлакат сарф мешавад. Дар ин ҷо бояд на танҳо нақши ҳокимиятҳои маҳаллӣ ва миллӣ, балки ҳамкорӣ ва дастгирии мутақобилаи кишварҳои минтақа низ тақвият дода шавад.

**Хонумҳо ва ҷанобони мӯҳтарам!**

Дар масоили таъминоти об нуктаи асосӣ таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаи об дар сатҳи минтақа ва байни кишварҳои ҳавзаи обҳои фаромарзӣ мебошад. Тавре маълум аст, минтақаи мо бо яке аз мушкилоти экологии ҷаҳонӣ - хушкшавии баҳри Арал рӯй ба рӯй шуд. Натиҷаҳои манфии ин раванд қариб ҳама соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва экологии минтақаи назди Аралро фаро гирифт, ки ба рушди устувори минтақа монеа эҷод менамояд.

Сабабҳои асосии таназзули баҳри Арал ин талафоти хеле зиёди об ҳангоми обёрӣ, мебошад, ки бинобар кӯҳнашавиии системаи обёрӣ қариб ба шаст фоиз мерасад, инчунин азхудкунии аз ҳад зиёди заминҳо дар замони шуравӣ барои парваришу истеҳсоли зироатҳое, мисли пахта ва шолӣ аст.

Аз ин бӯҳрони экологӣ танҳо тавассути аз ҷониби давлатҳои Осиёи Марказӣ андешидани чораҳои мушаххас ҷиҳати сарфаи об, бо роҳи барқарорсозии системаҳои обёрӣ ва заминҳо, инчунин иваз кардани чунин зироатҳои кишоварзӣ, мисли пахта ва шолӣ, ба зироатҳои озуқавории обкамталаб баромадан мумкин аст.

Ин чора дар як вақт метавонад ба ҳалли мушкилоти бо бӯҳрони озуқаворӣ алоқаманд мусоидат намояд.

Тоҷикистон дар ин самт бо кам намудани сеяки масоҳати майдони пахтазор дар панҷсолаи охир ва ҳамзамон истеҳсол намудани зироатҳои ғалладонагӣ, сабзавот ва дигар зироатҳои дар ҳалли масъалаҳои озуқаворӣ афзалиятнок ибрат нишон дод.

Афзоиши демографӣ ва азхудкунии майдонҳои аз ҳад зиёди заминҳои нав аз як тараф, коҳишёбии масоҳати пиряхҳо ва барфтӯдаҳо -манбаҳои асосии таъминкунандаи дарёҳои минтақа бар асари тағйирёбии ҷаҳонии иқлим аз тарафи дигар ба афзоиши истифодаи об ва камшавии миқдори оби дарёҳо оварда мерасонад.




Гуфтан кофист, ки агар дар ибтидои асри бист дар минтақа қариб 3 миллион гектар замини обӣ мавҷуд буд, пас дар охири аср он ба 9,2 миллион гектар расид. Айнан ҳамин тавр, аҳолии кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки соли 1956-ум 20 миллионро ташкил менамуд, ҳоло ба 64 миллион нафар расидааст.

Дар ин вазъ давлатҳои минтақа танҳо ба рушди ҳамкорӣ ва шарикӣ дар соҳаи об, бо таҷдиди назар дар барномаю стратегияҳои истифодабарии об, хусусан дар соҳаи кишоварзӣ ва қабули қарорҳои муштараки ба рушди устувори тамоми минтақа ва ҳар як давлати алоҳида мусоидаткунанда метавонанд масъаларо ҳал намоянд.

Мо бояд таҷрибаи пешрафтаро оид ба идоракунии якҷояи захираҳои об ва истифодаи оқилонаи онҳоро ва пеш аз ҳама дар ҳавзаҳои обҳои фаромарзӣ амиқан омӯзем. Бояд механизмҳои мусоидат ва кӯмакрасон аз ҷониби ниҳодҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ба он кишвару минтақаҳое, ки дар масъалаи истифодабарии якҷояи захираҳои об ихтилофот ва нофаҳмиҳо доранд, танзим дода шавад.

Итминон дорам, ки баргузории Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об дар амри ноил шудан ба ҳадафҳо оид ба таъминоти об ва санитария нақши мусбат бозида, ба муҳити ҳамдигарфаҳмӣ байни истифодабарандагони об беҳбудӣ мебахшад, таваҷҷуҳи ҳукуматҳо ва созмонҳои байналмилалиро дар масъалаҳои таъминоти табақаҳои эҳтиёҷманди аҳолӣ ва бахшҳои иқтисодиёт бо об тақвият мебахшад. Умедворем, ки татбиқи чорабиниҳои ин Соли байналмилалӣ ҳалли мушкилоти мавҷударо дар масъалаи таъминоти об ва ҳифзи захираҳои он барои наслҳои оянда осонтар намуда, ба рушду танзими ҳамкориҳои одилонаю мутақобилан судманд дар соҳаи об мусоидат хоҳад кард.

**Ба таваҷҷуҳатон ташаккур.**

# Конфронси РИО+20: пешниҳодҳои Тоҷикистон сазовори дастгирии байналмилалӣ гардид

**Дар ҳошияи Конфронси СММ оид ба рушд дар Рио-де-Жанейро Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 22 июн бо Ноиби президенти Бонки ҷаҳонӣ оид ба рушди устувор Рейчел Кайт мулоқоти судбахш анҷом дод.**

Рейчел Кайт ба муҳтавои суханронии Сарвари давлати Тоҷикистон дар ҷаласаи умумии Конфронси РИО+20 баҳои баланд дода, пешниҳодҳои ӯро дар бахши энергетика ва доир ба роҳҳои рушди устувор сазовори дастгирии байналмилалӣ номид.



Зимни баррасии масоили ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистону Бонки ҷаҳонӣ аз сатҳи баланди ҳамкории дуҷониба, аз ҷумла дастгирии пайвастаи рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Муҳокимаи масоили вобаста ба анҷоми босифати имконсанҷии техникию иқтисодӣ ва омӯзиши таъсири иҷтимоию экологии лоиҳаи бунёди Неругоҳи барқи обии «Роғун» ва татбиқи лоиҳаи минтақавии КАСА-1000 низ аз мавзӯъҳои сӯҳбат буд.

Ҳар ду ҷониб омодагӣ ва ҳавасмандии устувори худро доир ба таҳким ва густариши ҳамкории гуногунҷанбаи минбаъда таъкид доштанд.

***

**22 июни соли 2012 дар шаҳри Рио-де-Жанейрои Бразилия дар доираи иштирок дар Конфронси РИО+20 Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Мудири кулли Ташкилоти Созмони Милали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) Ирина Боковаро ба ҳузур пазируфт.**

Дар ҷараёни сӯҳбат масъалаҳои ҳамкории пурмуҳтавои Тоҷикистон бо ЮНЕСКО муҳокима гардид. Роҳбари Тоҷикистон ба фаъолияти сохторҳои фаръию ниҳодҳо ва муассисаҳои гуногуни Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла Ташкилоти он оид ба маориф, илм ва фарҳанг, дар Тоҷикистон баҳои баланд дод.

Бахусус, Президент Эмомалӣ Раҳмон аз мусоидати Ташкилот дар роҳандозии Ҳамоиши байналмилалии иҷрокунандагони мусиқии классикии «Шашмақом», ворид намудани санаи 1150-солагии зодрӯзи Асосгузори адабиёти форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба Феҳристи ҷашнҳои ЮНЕСКО, ҷудо кардани маблағҳо барои тадқиқотҳои минбаъдаи илмӣ ва таъмини ҳифзи ёдгориҳои қадимаи Тоҷикистон - шаҳраки Саразм ва ибодатгоҳи буддоӣ дар Аҷина-теппа ёдовар шуд.

Ҷонибҳо зикр намуданд, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону ЮНЕСКО имрӯз фарогири масъалаҳои мубрами глобалӣ низ мебошанд.

Бо ибрози ҳавасмандии ҷониби Тоҷикистон ба тавсеаи минбаъдаи робитаҳо бо ЮНЕСКО, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон диққати ҳамсӯҳбаташро ба масъалаи ташкил кардани Экспедитсияи сеюми байналмилалии геофизикӣ ба кӯҳҳои Помири Тоҷикистон бо мақсади омӯзиши ҳолати кунунии пиряхҳо ва тамоюлҳои тағйирёбии таркиби онҳо ҷалб намуд.

Дар робита ба он ки соли 2013 ба узвияти Тоҷикистон дар ЮНЕСКО бист сол пур мешавад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Мудири кулли ЮНЕСКО Ирина Бокова даъват ба амал овард, ки дар ин сол вақти барояш муносиб ба Тоҷикистон сафари дӯстона анҷом диҳад.



***

**Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи иштирок дар Конфронси РИО+20 дар шаҳри Рио-де-Жанейрои Бразилия 22 июн бо Президенти Маҷористон Янош Адер вохӯрӣ доир намуд.**

Зимни сӯҳбат масъалаҳои муносибатҳои мутақобилан судманди Тоҷикистону Маҷористон ва дурнамои рушди он баррасӣ гардиданд. Нахуст Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон Янош Адерро ба муносибати оғози иҷрои вазифаи Президенти Маҷористон муборакбод гуфт.

Президенти Тоҷикистон натиҷаҳои музокиротеро, ки дар рафти сафар ба Маҷористон бо роҳбарияти он доир гардида буданд, самаранок арзёбӣ намуда, омили муҳими тавсеаи ҳамшарикии ҳар ду кишвар номид.

Ҷонибҳо перомуни ба сатҳи сифатан нав баровардани ҳамкориҳои ду давлат дар чунин соҳаҳои ҳаётан муҳим, ба монанди тиҷорату иқтисод, фарҳангу маориф ва дигар бахшҳои иҷтимоӣ тавассути бунёди заминаи мусоиди ҳуқуқиву қарордодӣ, табодули назар карданд.

Президенти Тоҷикистон дар маҷмӯъ аз сатҳи равобити гуногунҷанбаи байни Тоҷикистон ва Маҷористон изҳори қаноатмандӣ намуда, хоҳони талошҳои бештар дар рушди минбаъдаи онҳо шуд.

Дар фарҷоми мулоқот Эмомалӣ Раҳмон аз Президенти Маҷористон Янош Адер даъват ба амал овард, то дар фурсати барояш муносиб ба Тоҷикистон ташриф орад. Ҷониби Маҷористон даъвати Президенти Тоҷикистонро бо мамнуният пазируфт.

(Идома дар саҳ. 3)

# Конфронси РИО+20: пешниҳодҳои Тоҷикистон сазовори дастгирии байналмилалӣ гардид




(Идома аз саҳ. 2)

**22 июн дар шаҳри Рио-де-Жанейрои Бразилия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чорабинии махсусро оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об аз номи ташкилкунандагони он - ҳайатҳои Тоҷикистон, Маҷористон, Финляндия ва механизми «Созмони Милали Муттаҳид – захираҳои об» ифтитоҳ кард, дар он раисӣ намуд.**

Зимни сухани ифтитоҳӣ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид сохт, ки Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ на танҳо чун ташаббускори баррасии мавзӯъҳои об, балки чун ҷонибдори амалӣ намудани иқдомоту чораҳои мушаххас доир ба истифодаи устувори ин захираи ҳаётан муҳим баромад мекунад. Ӯ афзуд, ки кӯшишу талошҳои Тоҷикистон дар масоили об ба истифодаи устувору самараноки имкониятҳои об, таҳкими ҳамкории байналмилалии одилона ва мутақобилан судманд равона шудаанд.

Тавре Президенти Тоҷикистон зикр намуд: «Ҳамкорӣ дар соҳаи об бояд бовариро дар байни ҳамаи истифодакунандагони об таҳким бахшида, барои татбиқи идораи мувофиқашудаи захираҳои об дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ мусоидат намояд».

Дар ин росто, чуноне Роҳбари давлати тоҷикон тазаккур дод, Тоҷикистон нақши Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи обро дар мусоидати он ба сафарбар намудани иродаи сиёсӣ барои татбиқи нияту қарорҳо, ҳамоҳангсозии пурсамари талошҳои ширкаткунандагони манфиатдор ва ҳамаи ҷонибҳо – ҳукуматҳо, бахши хусусӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар ҳалли мушкилоти ҳозира ва оянда дар соҳаи об, дар ташкили шарикии вусъатдор барои пешбурди истифодаи устувори захираҳои об мебинад.

Ба таври хоса талошҳои Гурӯҳи дӯстони об, ки чанд сол боз дар қароргоҳи Созмони Милал дар Ню-Йорк амал мекунад, аз ҷониби Сарвари давлат зикр гардид.

Дар чорабинии махсус оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об Янош Адер - Президенти Маҷористон, Яри Коскинен - вазири кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангали Финляндия, Сигрид Кааг - ёвари Дабири кулли СММ, Летичиа Обейг - роҳбари ниҳоди ҳамшарикии глобалии об ва намояндагони кишварҳо ва як қатор созмонҳои байналмилалӣ суханронӣ намуданд.

Аз ҷумла Роҳбари ниҳоди ҳамшарикии глобалии об хонум Летичиа Обейг зикр намуд: «Ташаббусҳои Сарвари давлати тоҷикон ва Ҳукумати Тоҷикистон дар ҷодаи пешбурди сиёсати обӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ шоистаи таҳсину омӯзиш мебошанд. Мо аз силсилаи ибтикорҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масоили об пуштибонӣ намуда, барои иштироки фаъол дар кори ҳамоиши Душанбе дар соли 2013 дар чаҳорчӯбаи Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, ки ташаббускори эъломи он Тоҷикистон мебошад, омодагии худро иброз медорем. Мо хушнуд аз онем, ки Роҳбари давлат ба мавзӯи об, аз ҷумла пешбурди сиёсати ҳадафманди обӣ, ташвиқи истифодаи оқилонаи захираҳои об ва таъмини дастрасии мардум ба оби мусаффои ошомиданӣ, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар миқёси минтақа ва ҷаҳон тадбирҳои муассиру созанда меандешад. Ин иқдом лоиқ ба омӯзиш мебошад. Дигар кишварҳо ва минтақаҳое, ки мавзӯи обро барои таъмини рушди устувор унсури калидӣ медонанд, бояд аз ин ташаббускорӣ ва сиёсати Тоҷикистон ва пешвои он омӯзанд. Мо аз дигар роҳбарони давлатҳо даъват ба амал меорем, то ин ки пайрави чунин иқдомҳо ва талошҳои Сарвари давлати тоҷикон бошанд. Бо мақсади инъикоси дастгирии сиёсати Ҳукумати Тоҷикистон, мо дар кори омодагӣ ва баргузории муваффақонаи чорабинӣ дар ҳошияи Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об дар Душанбе соли 2013 фаъолона ширкат хоҳем варзид.

Дар баромади худ намояндаи Созмони озуқа ва кишоварзӣ (FAO) чунин изҳор дошт: «Ба ҳамагон маълум аст, ки Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ чун кишвари пешоҳанг ва ташаббускори калидии мавзӯи об дониста шудааст. Дар пешбурди чунин ташаббусҳо, нақш ва саҳми Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон назаррас мебошад. Бо ташкил ва даъвати чунин ҳамоиши махсус бахшида ба масоили об, Тоҷикистон иқдоме пеша намудааст, ки барои роҳандозии ҳамкории бештари ҷомеаи ҷаҳонӣ дар кори расидан ба рушди устувор заминаи мусоид фароҳам меорад. Мо аз иқдомҳои Президенти Тоҷикистон дар самти об истиқбол мекунем».

Хонум Кенза Робинсон, Роҳбари механизми Созмони Милали Муттаҳид – Об бошад ёдовар гашт, ки тӯли чанд соли охир Тоҷикистон ташаббускори асосии эълони қатъномаҳои СММ оид ба об мебошад. Симои Тоҷикистон, гуфт ӯ, дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун пешоҳанги ташаббусҳои обӣ пазируфта шудааст, ки боиси шарафмандии мост.

Намояндаи Бонки ҷаҳонӣ ҳангоми суханрониаш иброз дошт, ки об метавонад ҳам мавзӯи сар задани низоъ бошад ва ҳам метавонад барои ҳамкориҳои фароху густурда байни давлатҳо имконият фароҳам орад. Тоҷикистон бо иқдомҳои наҷиби худ барои бунёди заминаи мустаҳками ҳамкориҳои фарогир байни кишварҳо дар соҳаи об нақши калидӣ мебозад.

Раиси созмони South-South News зикр кард: «Мо аз иқдомҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об ва даъватҳои он ҷониб барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои зич бо ниҳодҳову муассисаҳои байналмилалии таҳқиқотӣ ба мақсади омӯзиши масоили об ҳамаҷониба дастгирӣ менамоем. Мо бо иштирок дар як қатор чорабиниву ҳамоишҳои бузурги обӣ, ки дар Тоҷикистон баргузор шуда буданд, сарфароз гашта будем. Дар кори ташкил ва баргузории чорабинии қарибулвуқӯъ дар Душанбе ҳамшарики Тоҷикистон хоҳем буд.

Сипас, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон суханронӣ намуд.

Зимни суханронии худ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳавасмандии устувори Тоҷикистонро барои татбиқи босуръати рӯзномаи оби Созмони Милали Муттаҳид ва пурра кардани он бо чораҳои муосири амалӣ бо мақсади ҳалли ботадриҷи ҳама мушкилоту таҳдидҳо, ки бо об алоқамандӣ доранд, изҳор кард.

Президент Эмомалӣ Раҳмон итминон дод, ки маҳз инкишофи ҳамкорӣ ва ҳамшарикӣ байни истифодабарандагони об, аз сатҳи маҳаллию миллӣ сар карда, то сатҳи минтақавию байналмилалӣ метавонад дар амри расидан ба ҳадафҳои таъминоти об ва санитария, инчунин ҳифзи захираҳои об барои наслҳои оянда, мусоидат намояд.

Барои амалисозии ҳадафҳои Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, Роҳбари Тоҷикистон пешниҳод кард, ки 21 марти соли 2013 Муколамаи байналмилалии Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ва охири ҳамон сол Конфронси байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об гузаронида шавад.

Дар баромади худ Сарвари давлати тоҷикон нақши гидроэнергетикаро, ки яке аз афзалиятҳои калидии рушди устувор ва манбаи асосии истеҳсоли барқ барои таъмини эҳтиёҷоти аҳолӣ ва иқтисодиёти мамлакат маҳсуб меёбад, зикр намуд.

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иброз дошт, ки бояд таҷрибаи пешрафта оид ба идоракунии якҷояи захираҳои об ва истифодабарии оқилонаи онҳо ва пеш аз ҳама дар ҳавзаҳои обҳои фаромарзӣ амиқан мавриди омӯзиш қарор гирад.

Зимни сухани ҷамъбастии худ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи ширкаткунандагонро бори дигар барои иштироки фаъол дар баргузории Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, инчунин гузоштани саҳми арзанда дар ҳаллу фасли масоили об дар сатҳҳои ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ, даъват кард. Ӯ махсус таъкид сохт: «Аз кӯшишҳои дастаҷамъонаи мо ҳаёти шоистаи онҳое вобаста аст, ки имрӯз ба оби ошомидании бехатар ва санитария, энергия ва озуқа дастрасӣ надоранд. Аз ин кӯшишҳо сулҳу амонӣ, имконияти ҳифзи захираҳои об – ин манбаи асосии ҳаёт дар рӯйи Замин барои наслҳои оянда вобастагӣ доранд».

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо изҳори хушҳолӣ ҳамаи ҳозиринро барои иштироки созанда дар омода намудан ва гузаронидани Конфронси байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, ки он нимаи дуюми соли 2013 дар Душанбе ба нақша гирифта шудааст, даъват намуд.

Роҳбари давлати тоҷикон иброз дошт, ки конфронси мазкур барои баррасии фаъолонаи доираи васеи мавзӯъҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об, мубодилаи таҷриба дар ин бахш ва инчунин барои таҳия намудани нақшаи амалҳо барои тезонидани иҷрои вазифаю ҳадафҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда дар соҳаи об ва санитария, аз ҷумла Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва Идораи дастаҷамъонаи захираҳои об, пешниҳод мешавад.

Дар хотима Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамаи ширкаткунандагон ва ташкилкунандагони чорабинии барпогардида ибрози сипос намуд.

***

**Рӯзи 21-уми июни соли 2012 қисмати зиёди ҷаласаи умумии Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба рушд таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷараён гирифт.**

Ба Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вогузор намудани раисӣ дар ин ҳамоиши бузурги ҷаҳонӣ, нишона аз нуфузу эътибори байналмилалии ӯ чун роҳбари кишвари ташаббускори ҳалли мушкилоти зиёди глобалӣ доир ба об ва санитария, пешгирӣ аз гармшавии иқлим, ҳифзи муҳити зист ва ҳамчунин чун Роҳбари кишвари пешсаф дар татбиқи Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола мебошад.

*www.prezident.tj*

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи аз вазифаи Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Ғоибназаров А.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 моддаи 56 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ғоибназаров Амирхоҷа бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №362**

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Ашӯров А.А.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 моддаи 56 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ашӯров Абдулҳафиз Абдуевич бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи муовини якуми Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №363**

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи аз вазифаи муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Юсупов А.И.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 моддаи 56 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Юсупов Анварҷон Иброгимович бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №364**

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мансуров Н.М.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 моддаи 56 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Мансуров Наим Муллоевич Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №365**

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи муовини якуми Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Қодиров А.С.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи банди 2 моддаи 56 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қодиров Абдуҷабор Сафаралиевич муовини якуми Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №366**

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ бозхонд намудани Абдуллоев И.Ғ.**

Мутобиқи қисми 4 моддаи 31 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Абдуллоев Иброҳим Ғоибназарович аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №369**

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният бозхонд намудани Илолов М.**

Мутобиқи қисми 4 моддаи 31 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Илолов Мамадшо аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №367**

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният интихоб намудани Худоёров Б.Т.**

Мутобиқи қисми 2 моддаи 31 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Худоёров Бахтиёр Таварович раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №368**

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ интихоб намудани Илолов М.**

Мутобиқи қисми 2 моддаи 31 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Илолов Мамадшо раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №370**

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мӯъминободи вилояти Хатлон**

Пешниҳодоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи пешниҳодоти Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ» таҳти №141 аз 3 апрели соли 2012 ва «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Мӯъминобод» таҳти №142 аз 3 апрели соли 2012 баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

**Номи шаҳраки Куйбишев ба шаҳраки Абдураҳмони Ҷомӣ ва номи деҳаҳои зерини ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ:**

деҳаи Комсомол ба деҳаи Чорбоғи деҳоти Иттифоқ
деҳаи Қурултой ба деҳаи Боқӣ Раҳимзодаи деҳоти Иттифоқ
деҳаи Чкалов ба деҳаи Истиқлоли деҳоти Иттифоқ
деҳаи Агроном ба деҳаи Нусратулло Махсуми деҳоти Иттифоқ
деҳаи Фрунзе ба деҳаи Исмоили Сомонии деҳоти Иттифоқ
деҳаи Ударник ба деҳаи Ганҷинаи деҳоти Иттифоқ
деҳаи Политотдел ба деҳаи Маданияти деҳоти Иттифоқ
деҳаи Заря Востока ба деҳаи Шаҳристони деҳоти Иттифоқ
деҳаи Крылов ба деҳаи Сайроби деҳоти 50-солагии Тоҷикистон
деҳаи Ферма ба деҳаи Кӯҳдомани деҳоти 50-солагии Тоҷикистон
деҳаи Телман ба деҳаи Сумбулаи деҳоти 50-солагии Тоҷикистон
деҳаи Маяков ба деҳаи Ёсумани деҳоти 50-солагии Тоҷикистон
деҳаи Энгелс ба деҳаи Зарнисори деҳоти 50-солагии Тоҷикистон
деҳаи Коммунист ба деҳаи Ваҳдати деҳоти 50-солагии Тоҷикистон
деҳаи Октябр ба деҳаи Бадриддин Ҳилолии деҳоти Дӯстӣ

**Номи шаҳраки Ленинград ба шаҳраки Мӯъминобод, деҳоти Туту ба деҳоти Шамсиддин Шоҳин ва номи деҳаҳои зерини ноҳияи Мӯъминобод:**

деҳаи Чумчуқлӣ ба деҳаи Даҳаначиёни деҳоти Боғгаи
деҳаи Сарсибулоқ ба деҳаи Дӯстии деҳоти Боғгаи
деҳаи Чуқурак ба деҳаи Нурободи деҳоти Боғгаи
деҳаи Оқҷар ба деҳаи Навбаҳори деҳоти Боғгаи
деҳаи Ҷарчеб-1 ба деҳаи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии деҳоти Туту
деҳаи Ҷарчеб-2 ба деҳаи Ҷалолиддини Румии деҳоти Туту
деҳаи Ҷарчеб ба деҳаи Ободони деҳоти Туту
деҳаи Қипчоқ ба деҳаи Чашмасори деҳоти Туту
деҳаи Шулдуқ ба деҳаи Бӯстони деҳоти Деҳибаланд
ва деҳаи Тоқабуна ба деҳаи Истиқлолияти деҳоти Кулчашма

тағйир дода шаванд.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №358**

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи тағйири сарҳади ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи тағйири сарҳади ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон» баррасӣ намуда, мутобиқи моддаҳои 7 ва 8 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Сарҳади ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон тағйир дода шуда, ба ҳудуди марзи маъмурии он мувофиқи тартиби муқарраршуда ва нақшаи замимагардида қитъаҳои замин дар масоҳати 2231, 50 (ду ҳазору дусаду сиву яку аз сад панҷоҳ) гектар, аз ҷумла аз заминҳои шаҳри Сарбанд 877, 51 гектар, ноҳияи Ёвон 481, 20 гектар ва ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ 872, 79 гектар гузаронида шаванд.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №359**

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба таъсис додани деҳаи Ваҳдати деҳоти Водхуди ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон «Оид ба таъсис додани деҳаи Ваҳдат дар ноҳияи Ванҷ» баррасӣ намуда, мутобиқи моддаҳои 1, 22 ва 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Дар ҳайати деҳоти Водхуди ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон деҳаи Ваҳдат таъсис дода шуда, ба қайд ва ба ҳисоби маҳалҳои аҳолинишини Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №360**

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи илтимосномаи Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон «Оид ба тағйир додани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияи Ванҷ» таҳти №277 аз 31 майи соли 2012 баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Номи деҳаи Жовид ба деҳаи Ҷовидони деҳоти Жовид ва номи деҳоти Жовид ба деҳоти Ҷовидони ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон тағйир дода шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №361**

# Сад шукр, ки ҳамбастагӣ дар авҷи камол аст,
# Ин Ваҳдати моро на газанду на завол аст.



Шаҳри Душанбе, Майдони 800-солагии Москва, 28 июни соли 1997.



Суратҳо аз бойгонии А. ИСОЕВ

## Эй азизон, баҳри фардои Ватан якҷо шавем,
## Сӯхтан бигзошту баҳри сохтан якҷо шавем.

● Сулҳи деринтизори мо

# Аз оташбаси муваққатӣ то сулҳи устувор



**Чуноне меъмори сулҳу ваҳдат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯриву мулоқотҳояш ҳамеша таъкид мекунад, бузургтарин дастоварди миллат дар фарҷоми қарни ХХ дар радифи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон бозгашти суботу амнияти кишвар ва ваҳдату ягонагӣ мебошад. Ин ҳақиқати бебаҳс аст. Тамоми музаффарияту дастовардҳои солҳои охир аз таъмини амонӣ дар кишвар ва Ваҳдат ибтидо мегиранд. Аз баракати ба кишвар баргаштани сулҳ ба таърихномаи миллат ҷашнворае бо унвони «Ваҳдати миллӣ» ворид гардид ва ин иди басо мӯътабару муқаддас на танҳо дар кишвар, балки аз тарафи тамоми тоҷикони дунё ҳамасола бо маҳбубияти хоса таҷлил мегардад. Имрӯзҳо ба истиқболи ин ҷашни муборак омодагии пухта дида, он даврони басо ҳассосу мураккаби солҳои бенизомиро ёдовар мешавем, то аз он сабақ бигирем ва тамоми кӯшиш ва талошро ба он равона кунем, ки абадан он рӯзҳои сиёҳ дар тақдири миллат такрор наёбанд.**

Ҳама, ба истиснои насли баъдӣ, хуб дар хотир доранд, аниқтараш иштирокчии бевоситаи бархӯрдҳои сиёсии даҳсолаи охири қарни гузашта буданд ва оқибатҳои ваҳшатбори онро ҳаргиз фаромӯш намекунанд. Маҳз маҳбубияти ин ҷашни мӯътабар барои ҳар хурду бузурги кишвар дар он аст, ки аз баракати он ҳамаи хатарҳо бартараф гардида, сулҳи деринтизор ба кишвари тоҷикон баргашт ва миллат аз пароканадашавӣ наҷот ёфт.

Воқеан, дар бобати ҷараёни музокироти тоҷикон мавод ва хотираҳои зиёде таҳия ва интишор гардидаанд. Онро барҳақ таҷрибаи нодире дар сулҳофарӣ меноманд. Лаҳзаҳои ҳассос ва фаромӯшнашудании тақдирсоз дар раванди музокирот хеле зиёданд. Вале муҳимтар аз ҳама он аст, ки мавқеи иштирокдорони он бо дастурҳои Сарвари давлат дар ҳар як зинаи музокирот наздиктар мешуд ва дар ниҳояти кор ба сулҳи деринтизори худ расидем.

Ман аз моҳи майи соли 1995 ба ҳайати намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар музокирот шомил гардидам ва аз рӯзҳои нахустин эҳсос намудам, ки чӣ масъулияти бузурге дар назди ин ҳайат гузошта шудааст. Аксари иштирокчиёни музокирот ашхосе буданд, ки дар арсаи сиёсӣ мавқеву нуфузи устувор доштанд ва чун сиёсатмадорони варзида шинохта буданд. Азбаски ҳар як вохӯрӣ таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид ва иштироки кишварҳои ҳамсоя мегузашт, масъулияти иштирокдорони он дучанд афзун мегардид. Назокати муҳимтарини музокирот он аст, ки сари масъалаҳое, ки баҳс мешавад, бояд мувофиқати комили тарафайн ба дастояд, дар акси ҳол созиш ҳосил намегардад. Зимни ҳар як сафари гурӯҳ Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамуданд, ки ҳамаи масъалаҳои пешниҳодшаванда бояд аз нигоҳи манфиати умумимиллӣ баррасӣ шавад. Дар мавриде, ки тақдири миллат ва кишвар ҳал мегардад, шартгузорӣ ба манфиати ягон ҷониб нест ва на ягон шахсу ҳеҷ гурӯҳе ҳуқуқи маънавӣ ҳам надорад, ки манфиаташро аз манфиати умумимиллӣ боло гузорад.

Он солҳо вазъият дар ҷумҳурӣ басо ҳассос буд ва як сухани бе ҷо метавонист тамоми кӯшишҳои Ҳукумат ва ормонҳои мардумро дар бобати таъмини амнияту беҳбудии вазъи иқтисодиву иҷтимоии кишвар барбод диҳад. Мутаассифона, дар ин даврон вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсӣ басо мураккаб буда, айбдоркуниву муқобилгузориҳо хеле авҷ гирифта буданд.

Роҳбарии гурӯҳи Ҳукуматии ҳайати музокиротро соли 1995 сиёсатмадори варзида, ҳоло Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев ба ӯҳда дошт. Дар радифи ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ, ки Ҳукумати тозатаъсис тамоми масъулияти онро ба дӯш дошт, он солҳо инчунин танзими вазъи сиёсии кишвар хеле муҳим буд. Роҳбари гурӯҳ Маҳмадсаид Убайдуллоев бо дастури Сарвари давлат дар баробари ширкат дар ҷараёни музокирот, ки басо тезутунд гузашта, аксаран аз субҳ то бевақтии шом давом мекард, фурсат ёфта, бо роҳбарияти Ҷумҳурии Қазоқистон вохӯрда, масъалаҳои ҳамкориҳои иқтисодиро ҳал менамуд.

Ҳамин зайл, тӯли чанд рӯз музокирот идома ёфта, тарафҳо ба натиҷае намеомаданд. Ниҳояти кор, баъди даҳ рӯзи баҳсҳо доир ба масъалаи оташбаси муваққатӣ мувофиқа ба даст омад ва протокол имзо гардид. Агарчи ин аз нигоҳи имрӯза масъалаи хеле кӯчак намояд ҳам, дар он даврон, ки ҳар лаҳза дар натиҷаи муқобилиятҳо даҳҳо ҷавонон ҷони худро мебохтанд, мардум ранҷ мекашид ва таҳти тарс ва таҳлукаву ташвиш қарор дошт, ин дастоварди басо бузург маҳсуб меёфт.

Хушбахтона, аз музокирот то музокирот, ки бо дастгирии амалии кишварҳои дӯсту бародари Туркманистону Қирғизистон, Эрону Россия мегузашт, мавқеъҳо торафт наздик мешуд. Мардуми тоҷик барои чунин дастгирии беғаразона аз ҳамаи роҳбарон ва ҷумҳуриҳое, ки барои бозгашти сулҳ ба кишвар мусоидат намуданд, беҳад сипосгузор аст.

Бо гузашти айём ва зарурати даврон собиқ вазири корҳои хориҷии ҷумҳурӣ Талбак Назаров роҳбари гурӯҳи ҳукуматӣ таъин гардид ва эстафетаро то имзои Созишномаи истиқрори сулҳи тоҷикон - рӯзи 27 июни соли 1997 расонид.

Лаҳзаи басо фараҳбахш - ба мурод расидани миллати куҳанбунёдамонро меъмори сулҳу Ваҳдат, Президенти кишвар Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле нуктасанҷона баён намудаанд:

«Дар натиҷаи азму талош ва ҷонбозиҳои зиёд бист сол қабл хиради азалии халқи тоҷик собит сохт, ки Ваҳдати миллӣ ва ҳамдигарфаҳмии афроди ҷомеа муҳимтарин омили пешрафти давлату миллат мебошад.

Маҳз ба шарофати ин рӯйдодҳои муҳими таърихӣ мо тавонистем, ки аркони давлатдорӣ ва шохаҳои фалаҷшудаи ҳокимиятро дар мамлакат барқарор гардонида, пояи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро қавӣ намоем. Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки дар Ватани азизамон Ваҳдати миллӣ, сулҳи пойдору суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва фазои озоди бунёдкориву созандагӣ фароҳам оварда шуд».

Аслан 15 сол барои таърихи кишвар муддати хеле кӯтоҳест. Вале чуноне файласуфон мегӯянд, ҳама чиз дар таносуб муайян мегардад. Маҳз аз ҳамин нигоҳ агар ба дастовардҳои кишварамон баҳо диҳем, натиҷаҳояш дар тамоми таърихи миллатамон бесобиқаанд ва пешравиҳо ба садсолаҳо баробаранд.

Бо имзои Созишномаи истиқрори сулҳи тоҷикон бо таъмини ваҳдати саросарӣ барои пешрафти босуръати тамоми соҳаҳо, таъмини амнияти мардуму беҳбудии рӯзгорашон заминаи боэътимод гузошта шуд. Имрӯз тамоми манотиқи кишвар тавассути роҳҳои дохилӣ бо қалби кишвар пайваст гардида, доираи ҳамкориҳои ҷумҳурии соҳибистиқлол бо кишварҳои минтақа ва дунё васеъ гардид ва созандагиву бунёдкорӣ ҳамарӯза равнақи тоза мегирад.

Саъдии бузург барҳақ фармудааст:

**Агар шабҳои пурдаҳшат намебуд,**
**Намедонист Саъдӣ қадри имрӯз.**

Боиси ифтихору сарфарозӣ аст, ки имрӯз байрақи баландтарини истиқлолиятӣ дар қалби кишвар партавафшон аст ва ҳамарӯза кулли хурду бузурги диёр ба тамошои он меоянд, ки нишонаи эҳтироми бузург, худшиносии миллӣ ва шукрона аз рӯзгори босаодати даврон аст.

Бо ифодаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Мо бояд ин имконияти дар ҳақиқат таърихиро бисёр масъулона ва басо оқилона истифода намуда, истиқлоли Ватан, ягонагӣ ва ваҳдати миллиро таҳкими ҳамҷониба бахшем. Ин исботи воқеии он хоҳад гардид, ки мо ворисони арзандаи гузаштагони некноми хеш мебошем».

Бо фаросии ин ҷашни басо маҳбубу муқаддас тамоми сокинони баландиқболи кишвари маҳбубамонро шодбош мегӯям ва таманнои онро менамоям, ки осмони зебодиёрамон абадан софу мусаффо ва сулҳу Ваҳдат ҳамеша дар Ватанамон пойдор бошад.

***Шамсиддин ОРУМБЕКОВ, узви ҳайати ҳукуматии музокироти миёни тоҷикон, сиёсатшинос***

## Сиёсатмадорон дар бораи Ваҳдат

### Эмомалӣ Раҳмон,
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**



Мардуми тоҷик пас аз он ки фоҷиаи сахти миллиро паси сар кард, ҳоло ба шинохти ҳастии хеш оғоз намуда, зарурати ваҳдати миллӣ ва ҳифзи якпорчагии давлати миллиро беш аз пеш дарк намудааст. Ин сарчашмаи асосӣ ва омили муҳимтарини пешрафти босуръати ҳар як миллат мебошад.

Омили асосии расидан ба сулҳ дар Тоҷикистон, аз ниҳод ва замири халқи тоҷик бархоста, ба тафаккури созандаву иродаи шикастнопазир, фитрати баланду дӯстнавозии азалии ин мардум вобаста аст. Ҳарчанд ки душманони миллат, оташи ҷангро дар кишвари мо барангехтанд, халқи баору номус, ватандӯст ва сулҳпарвари тоҷик тавонист, ки дар муддати кӯтоҳ забонаҳои оташи ҷангро хомӯш кунад, ватанро аз вартаи ҳалокат наҷот бахшад, гурезаҳои сарсонро баргардонад ва ба ободонии мамлакат камар бандад.

Созишномаи умумӣ, аз лиҳози аҳамияти фавқулоддаи худ, бо Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистад. Агар эъломия ба Тоҷикистон ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибихтиёр ато карда бошад, пас созишнома сулҳу суботро дар сарзамини мо таъмин сохт. Сулҳ ва Истиқлолият бузургтарин дастовардҳои миллат ҳастанд ва дар баробари ин ду неъмати бебаҳо, манфиатҳои маҳдуди ҳизбӣ, гурӯҳӣ ва ғайра мақоми дуввумдараҷа доранд.

***«Садои мардум», 1 июли соли 2000 №50 (1222)***

### Маҳмадсаид Убайдуллоев,
**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



Дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш чунин изҳор кард: «Ман кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо ҳама бояд ёру бародар бошем, то ки вазъро ором намоем».

Истиқрори сулҳ заминаи ваҳдати миллиро фароҳам овард. Вале барои он ки ин сулҳ ва ваҳдати миллӣ ба таври воқеӣ устувор гардад, зарур аст, ки омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ хуб корбаст шавад. Дар ин раванд, пеш аз ҳама омили иқтисодӣ басе муассир аст.

***«Садои мардум», 6 майи соли 2011 №56-57 (2728-2729)***

### Шукурҷон Зуҳуров,
**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



Президенти Қирғизистон Аскар Акаев изҳор кардааст: «Мактаби сулҳофарини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон намунаи беҳтарини таҷрибаи башарист».

Дар қишлоқи Сангвори ноҳияи Тавилдара бобои Ҳисорӣ бо ҳаяҷону самимият изҳор карда буданд: пеш аз ҳама, Шуморо бо дарёфти Ҷоизаи Байналмилалии Сулҳ муборакбод мегӯям. Бовар кунед, ин мукофоти тамоми халқи тоҷику мукофоти миллат аст. Тоҷикон зери роҳбарии шумо аз нав соҳиби тоҷу тахт ва ба ҷаҳон машҳур гардиданд. Забони тоҷикӣ аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид садо дод.

***«Садои мардум», 5 октябри соли 2001 №79 (1352)***

### Мамадшо Илолов,
**Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**



Ваҳдати миллӣ ва Истиқлолияти давлатӣ ду рукни тақдирсози миллат ва давлат дар чӣ иртиботе қарор доранд?

Ваҳдати давлатӣ сарҷамъӣ ва ягонагии тамоми шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро, сарфи назар аз нажод, миллат, мазҳаб, забон ва маҳалии ҷуғрофии зист, дар назар дорад.

Соҳибихтиёрии давлатӣ мустақил ва мухтор будани мамлакатро дар умури хориҷӣ муайян мекунад ва ҳамзамон волоияти ҳокимияти давлатиро дар умури дохилӣ таъмин мекунад. Соҳибихтиёрии давлатӣ чун принсипи универсиалии ҳуқуқ дар муносибати байналмилалӣ дар Оинномаи СММ ва соири асноди байналмилалӣ сабт шудааст. Агар Ваҳдати давлатӣ тавассути Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пиёда шуда, ба воситаи асноди зерқонунии сатҳи гуногун мавриди амал қарор гирад, Истиқлолияти давлатӣ ба замми он, ба санадҳои байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида иртибот дорад. Яъне, Ваҳдати давлатӣ ба сифати ҷузъи муҳимтарини Истиқлолияти давлатӣ дар рушди сиёсиву иҷтимоии кишвар мавқеи хоса дорад.

***«Садои мардум», 25 июни соли 2011 №77-78 (2749-2750)***

### Сафаралӣ Раҷабов,
**собиқ Раиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**



Сулҳро дар кишвар заҳмату худсӯзиҳои даҳҳо тан фарзандони миллат ба бор овард. Бахусус дар ҷомаи амал пӯшидани ин кори хайр, қабл аз ҳама саъйу талоши Сарвари давлатамон мӯҳтарам Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов хеле калон аст. Нишон додани сабурӣ, хирадмандӣ ҳангоми пеш бурдани мулоқоту гуфтушунидҳо бо роҳбарони иттиҳоди мухолифини тоҷик, иқдоми ҷасуронаи ӯ дар ин самт ба ҳар тоҷику тоҷикистонӣ рӯҳу илҳоми тоза мебахшид. Эмомалӣ Раҳмонов собитқадамии худро дар ҳалли ин масъалаи сарнавиштсоз борҳо ба исбот расонида, ҳамеша дар ин нуқта устувор аст, ки такрори дубораи ҳодисаҳои сипаригаштаи Тоҷикистон набояд ба амал ояд.

***«Садои мардум», 26 июни соли 1999 №39 (1129)***

*Таҳияи М. БОБОКАЛОНОВ*

# Ваҳдат ба шумо чӣ дод?

**Дар арафаи 15- солагии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хабарнигорони дар маҳалҳо будаи рӯзнома бо одамони касбу кори гуногун вохӯрда, бо як савол- «Ваҳдат ба шумо чӣ дод?» муроҷиат намуданд.**

**Инак, андешаронии онҳоро манзури хонандагон мегардонем.**

**Пирмурод САБУРОВ- директори литсейи ба номи Исмоили Сомонии шаҳри Кӯлоб:**

-То расидан ба рӯзи Ваҳдат, на ҳама роҳҳо ҷониби ин минтақа кушода буданд. Ваҳдат дар баробари кушодани роҳҳо, инчунин ба қалби ҳар бошандаи кишвар роҳи дӯстию рафоқатро боз намуд. Самараи Ваҳдат буд, ки дар баробари таҷлили дигар ҷашнҳои бошукӯҳи миллӣ, 2700 -солагии шаҳри бостонии Кӯлоб низ бо шукӯҳу шаҳомати махсус ҷашн гирифта шуд. Дар ниҳоят ин шаҳри куҳанбунёд, ба худ симои замонавӣ гирифт.

Таълимгоҳе, ки 15 сол боз сарварии онро ба ӯҳда дорам, падида ва ҳамсоли ҳамин Ваҳдат аст. Маҳз шарофати ҳамин рӯзи нек буд, ки дар минтақа нахустин таълимгоҳи намуди нав дари худро ба рӯйи муҳассилин боз намуд. Бо гузашти 15 сол шогирдони ин таълимгоҳ донишгоҳҳои Ватани азизамону кишварҳои гуногуни дунёро хатм карда, боз қисмати дигари он дар даҳҳо донишгоҳҳои бонуфузи мамлакатҳои хориҷ машғули таҳсиланд. Шогирдони таълимгоҳи мо, ҳамасола дар озмунҳои байналмилалию олимпиадаҳои ҷумҳуриявии хонандагон фаъолона иштирок карда, ҷойҳои ифтихориро шарафёб мешаванд. Чунончӣ, дар олимпиадаи ҷумҳуриявии мактаббачагон соли ҷорӣ ба гирифтани як медали тилло, як нуқра ва се биринҷӣ мушарраф гардидем, ки ин дастовард миёни таълимгоҳҳои кишвар, нишондиҳандаи беҳтарин маҳсуб меёбад. Бо пеши рӯй овардани комёбиҳои шогирдони хеш гуфтанӣ ҳастам, ки Ваҳдат дар навбати аввал ин нишонаи созандагӣ аст. Пояи Ваҳдат бо сухани холӣ не, балки бо рӯҳи созандагию дастовардҳои меҳнатии ҳар яки мо мустаҳкаму ҷовидона мешавад, зеро ҳеҷ вақт бо ҳалво гуфтан даҳон ширин нашудааст ва намешавад. Хушбахтона, ин рӯҳи созандагӣ пайваста дар шаҳри бостонии Кӯлоб рангу неруи тоза мегирад. Корхонаҳои истеҳсолӣ яке пайи дигаре ба фаъолият шурӯъ карда истодаанд ва оғози бунёди Корхонаи тракторсозии «Белорус» аз ҷумлаи онҳост.

Ман ҳамчун маорифчӣ ва сарвари таълимгоҳ аз он хушнудам, ки айни ҳол дар шаҳри Кӯлоб сохтмони мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат муташаккилона оғоз ёфта, бо ҷӯшу хуруш идома дорад. Мо, маорифчиён, баҳри он талош мекунем, ки созандагони сазовори Ватанро ба камол расонем.

***Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»***

**Аброр МИРСАИДОВ – ноиби ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ:**

- Стратегияи давлатии раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ яке аз рукнҳои бунёдии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Тавре мардуми кишвар дарк намудаанд, ин иқдом пас аз ба миён омадани Созишномаи истиқрори сулҳ ва Ваҳдати миллӣ хеле барҷаста мушоҳида мегардад.

Воқеан, бунёди коммуникатсияи нақлиётӣ - таҷдиду бунёди роҳҳои автомобилгард чун ҷузъи марказии низом ва ё инфрасохтори коммуникатсионии кишвар буда, яке аз масъалаҳои заминавии даврони соҳибистиқлолии мамлакат ва тақозои иқтисоди миллии он мебошад.

Дар панҷ соли охир ҳаҷми маблағгузорӣ бо мақсади роҳкушоӣ, рушди соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия беш аз 3,9 миллиард сомониро ташкил дода, дар соли 2012 боз 1,4 миллиард сомонӣ равона гардид. Маҳз ба туфайли нақлиёти автомобилӣ робитаҳо миёни манотиқи гуногуни кишвар таъмин гардида, бор ва мусофирон кашонида мешаванд. Ин тадбирҳо густариши алоқаҳои иқтисодии миёни манотиқи кишварро таъмин намуда, на танҳо ташаккулу рушди иқтисоду бозори миллӣ, балки ба пайвастшавӣ бо иқтисоду бозори ҷаҳонӣ мусоидат намудааст.

***Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»***

# Шукронаи ин миллату ин давлату Ваҳдат, Ин бахти баланд аз нияти софу зулол аст.

## СИЁСАТМАДОРОНИ ҶАҲОН ДАР ВАСФИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ ТОҶИКИСТОН

**Кофи АННАН – собиқ Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид**

Президенти Тоҷикистон намунаи ибрати аз зӯроварӣ даст кашидани ҳалли зиддияти дохилимиллиро нишон дод.

***

Тоҷикистон барои бисёр мамлакатҳои дигар дар ҳалли муноқишаҳои дохилӣ сабақи беназир дод. Фикр мекунам, ки ин саҳми Тоҷикистон дар таърихи эҷоди сулҳ мебошад.

***

**Ян КУБИШ – Муншии умумии Созмони амнияту ҳамкории Аврупо**

Таҷрибаи Тоҷикистон дар бобати истиқрори сулҳ ҳамто надорад ва имрӯз бояд дар Афғонистон дар чараёни барқарор сохтани ҳаёти осоишта ва созиши тарафҳои гуногуни даргири ин мамлакат истифода шавад.

***

**Владимир ПУТИН - Президенти Федератсияи Россия**

Эмомалӣ Раҳмон яке аз симоҳои барҷаста буда, дар байни сиёсатмадорони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавкеи намоёнро ишғол мекунад. Ин беҳуда нест. Тамоми ҷидду ҷаҳди ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Тоҷикистон раванди сулҳ тавре пойдор аст, ки назираш дар ҳеҷ як мамлакате, ки чунин вазъияти муташанниҷ дошт, дида намешуд. Ҳар он чӣ оиди ин масъала дар Тоҷикистон амалӣ гардидааст, мисоли хубест барои бисёр халқҳову мамолики дигар.

***

**Ху ҶИН ТАО- Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой**

Солҳои охир тахти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат созгории миллӣ бомуваффақият ҷорӣ гардида, иқтисодиёт мутассил барқарор мегардад ва тараққӣ мекунад, равобити берунаи мамлакат рӯз то рӯз вусъат меёбад, ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат тараққӣ мекунанд. Мо аз ин дастовардҳои шумо самимона хурсанд мегардем.

***

**Нурсултон НАЗАРБОЕВ- Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон**

Дар Қазоқистон бо қаноатмандӣ зикр мекунанд, ки раванди сулҳ дар Тоҷикистон мавкеи устувор ва бебозгаштро касб кард. Дар ин амр, бешубҳа, хизматҳои Президент Эмомалӣ Раҳмон хеле калон аст. Ғалабаи боэътимоди ӯ дар интихобот нишон дод, ки обруи Сардори давлат дар ҷомеаи Тоҷикистон то чӣ андоза баланд аст ва то чӣ андоза халқи тоҷик ояндаи худро ба ӯ пайваст мешуморад.

***

**Александр ЛУКАШЕНКО- Президенти Ҷумҳурии Белорус**

Тоҷикони сарбаланду меҳнатдӯст ва меҳмоннавоз воқеан ҳам бо ҳамватани худ – Эмомалӣ Раҳмон ифтихор мекунанд.

Он сиёсати оқилона, ки ин мард пеш мебарад, бори дигар такрор мекунам, ки мамлакаташро ҳифз намуд, ба ин замин сулҳу осоиш овард. Ва инро на танҳо шумо қадр мекунед, мо ҳама аъзои ИДМ ин хидмати наҷибро қадр мекунем, зеро сулҳу осоиш дар замини шумо-сулҳу осоиш ҳам дар Белоруси мо, ҳам Россия, ҳам дар дигар давлатҳо мебошад.

***

**Аҳмадшоҳи МАСЪУД- Қаҳрамони миллии Афғонистон**

Истиқлолият ба Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – ин сиёсатмадори сатҳи ҷаҳониро дод. Имрӯз ӯ машҳуртарин фарзанди Тоҷикистон ва тамоми тоҷикони ҷаҳон ва дӯсти ҳақиқии Афғонистон аст.

*Таҳияи М.ЗОКИР.*
*Аз китоби «Формулаи сулҳи Президент Раҳмонов» ( Душанбе, «Шарқи озод», 2004)*

***Ваҳдати миллӣ дар натиҷаи заҳмату талош ва ниятҳои неки садҳо абармардон, ба ивази қурбониҳои фарзандони Ватан ба даст омад. Дар кори ба даст овардани сулҳу салоҳ миёни тоҷикон одамони касбу корашон гуногун саҳмгузорӣ намуданд, аз ҷумла онҳое, ки бо қалам ва сухан сарукор доштанд. Дар ин робита, вақте нияти омода кардани маводе шудем, қарор додем бо яке аз собиқадорони Телевизиони Тоҷикистон, журналисти варзида, Корманди шоистаи Тоҷикистон Шералӣ Мустафоқулов сӯҳбате анҷом диҳем.***



# ШӮЪЛАИ УМЕДИ ВАҲДАТ

**- Шералӣ Мустафоқулович, имрӯз вақте мо аз Ваҳдату ягонагӣ ва сулҳу салоҳ сухан меронем, пеши назар он воқеаҳои мудҳиши солҳои аввали Истиқлолият меояд, ки мардуми табиатан сулҳхоҳу заҳматпешаи тоҷик ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуда буд ва садҳо ҳамватанонамон ноилоҷ тарки Ватан карданд. Бо барқарор гардидани ҳокимияти қонунӣ вазифаи аввал баргардонидани гурезаҳо буд ва шумо аз ҷумлаи журналистоне ҳастед, ки дар ин кор саҳм гузоштед. Хоҳиш мекардам ҳамон лаҳзаҳоро каме ёдовар шавед.**

-Аз он рӯзҳои мудҳиш ва ҳассос қариб бист сол сипарӣ гардид. Рости гап, вақте он лаҳзаҳоро пеши назар меорем, барои мо хеле душвор аст,чунки дидани он чизе, ки мардумамон дар як ҳолати ноумедӣ ва ниҳоят вазнин қарор доштанд, ҳар як шахси бовиҷдону боимонро ба ору номус меовард ва дар орзу ва кӯшиши саҳмгузорӣ ба эътидол овардани вазъияти Тоҷикистон буд. Сарвари тозаинтихоби кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳамин кори хайру муҳимро вазифаи аввалини хеш қарор дод. Бо иқдом ва дастуру супориши он кас дар Шӯрои Олии Тоҷикистон барои баргардонидани ҳамватанони муҳоҷирамон аз Давлати Исломии Афғонистон гурӯҳи корӣ таъсис ёфт. Моҳи январи соли 1993 баъди ҷаласаи корӣ дар идораи телевизион раиси Кумитаи телевизион ва радиои ҷумҳурӣ Бобоҷон Икромов ман ва наворбардор Абдушукур Саломовро ҳамроҳи худ ба Шӯрои Олӣ бурд. Он ҷо таклиф карданд, ки ҳамроҳи гурӯҳи корӣ ба кишвари ҳамсоя сафар кунем. Пешниҳод ихтиёрӣ буд ва ба мо гуфтанд, ки ин сафар хатарҳо низ дорад, метавонед рад кунед. Вале мо бе ҳеҷ дудилагӣ омода будани хешро иброз намудем. Аммо бо кадом сабабе Абдушукур Саломовро бо наворбардор Анвар Ғайбуллоев иваз карданд. Он вақт, ки ҳанӯз телефонҳои мобилӣ набуд, муддати 21 рӯзи сафари мо наздиконамон борҳо ба суроғамон ба идораи телевизион омада буданд.

Вақте вориди кишвари ҳамсояи Афғонистон гардидем, дидем, ки мардуми аз ноилоҷӣ тарки Ватан карда, он ҷо дар ҳолати хеле вазнин ва яъсу ноумедӣ қарор доштанд. Аксари онҳо рӯзҳои аввал аз омадани мо хурсанд набуданд, зеро ба Ҳукумат ҳанӯз бовар надоштанд. Табиист, ки он лаҳзаҳо на танҳо дар Афғонистон, ҳатто дар дохили мамлакат низ боварии мардум кам буд. Дар қароргоҳи СММ вохӯрии аъзои гурӯҳи кории Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо пешвоёни гурезаҳо ташкил карданд ва вақте ҳамон нишастро мо мехостем наворбардорӣ кунем, баъзе одамон монеа мешуданд ва намехостанд, ки ин лаҳзаҳо наворбардорӣ шавад. Сабаб дар он буд, ки онҳо ба гурӯҳи корӣ низ боварӣ надоштанд. Албатта, ҳолати онҳоро фаҳмидан лозим буд, ки якбора аз хонаву дари обод, диёри ҳамешасабзу хуррам ҷудо шуда, ба ғарибӣ афтода буданд. Ҳамзамон онҳо фактҳо, далелҳои зиёде меоварданд, ки дар Тоҷикистон мардуми бегуноҳро, аз ҷумла касе, ки аз Афғонистон баргашта равад, ӯро ба қатл мерасонанд. Мегуфтанд, ки масалан фалонӣ ба Ватан баргашт, ӯро дар хонааш ба қатл расонданд. Онҳо, аз ҷумла номи Талбак Садриддинов –раиси колхози Ломоносови ноҳияи Шаҳритус ва Аҳлиддин Авғонов – раиси хоҷагии «50 - солагии СССР» ноҳияи Қубодиёнро ба забон меоварданд, ки онҳо гӯё дар Душанбе ба қатл расонида шуда бошанд. Мо медонистем, ки онҳо дар ҳаётанд ва ҳарчанде инро мефаҳмондем, бовар намекарданд. Мегуфтанд, ки мо дар рӯзномаҳо ин хабарҳоро хондем. Дар чунин вазъият ва рӯҳияи нобоварии ҷонибҳо идома додани мулоқот хеле душвор буд. Вале роҳбари гурӯҳи кории мо Фарҳод Маҳкамов, ки марди оқил буд, мақсаду мароми Ҳукумати навтаъсиси Тоҷикистонро тавонист ба онҳо фаҳмонад.

-Ин мусибатест, ки ба сари миллати мо омадааст ва дар ин кор касе аз ду ҷониб гунаҳкор нест. Ин як гирдбодест ва баъди чанд вақт мефаҳмем, ки ин кори дасти бегонагон аст,-иброз намуд Ф. Маҳкамов. Ниҳоят мо мушоҳида кардем, ки дар дили мусоҳибони ғарибафтодаамон як шӯълаи умеде пайдо шуд. Ана ҳамин шӯълаи умед оянда ба орзую омол, ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳу салоҳ оварда расонд, ки имрӯз шаҳди онро мечашем.

**–Воқеан, асоси Ваҳдат ин боварӣ ва некниятӣ аст ва табиист, ки аввалин комёбии гурӯҳи корӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ бояд боиси пешравии коратон гардид...**

-Бале, хушбахтона, акнун ҳамватанонамон майли бо мо сӯҳбат кардан пайдо карданд. Баъди анҷоми ин мулоқот ҳамон нафароне, ки дар аввал нахостанд мо наворбардорӣ кунем, изҳори пушаймонӣ карданд. Акнун онҳо моро ба оғӯш мегирифтанд ва мегуфтанд: «Шумо аз Ватан омадед ва бӯи Ватан мекунед». Онҳо Ватанро хеле пазмон шуда буданд, аз дидагонашон ашк ҷорӣ мегардид. Сипас, баъд аз мулоқот, мо дар шаҳри Мазори Шариф сари ҳар қадам бо гурезаҳоямон вомехӯрдем. Ҳамватанон моро дида хурсанд мешуданд ва савол медоданд, ки кай моро ба Ватан мебаред. Мо ба онҳо мегуфтем, ки мақсади мо ҳам чунин аст, агар шумо омода бошед, ҳар чӣ зудтар меравед. Зимни ин сафари аввали 21-рӯза дар Афғонистон нахустин вохӯрии калони мо дар Кампи Сахӣ, ҷойе, ки паноҳандагон дар хаймаҳо зиндагӣ мекарданд, баргузор гардид. Дар он ҷо 43 ҳазор ҳамватанони мо сукунат доштанд. Кампи Сахиро ҳамзамон Дашти Морон низ мегӯянд. Аз номаш маълум аст, ки он чӣ гуна ҷоест. Иқлими ин мавзеъ, ки минтақаи биёбонист, фасли тобистон ниҳоят гарм ва зимистон бисёр сард аст. Дар ҳамин вазъият ҳамватанони мо зери хаймаҳо, бо аҳли байташон умр ба сар мебурданд. Махсусан ҳолати куҳансолон, барҷомондагон хеле вазнин буд. Дар паҳлуи ин хаймашаҳр аллакай қабристони тоҷикон - ғарибон пайдо шуда буд, ки дидани он касро маҳзун мекард. Аз баъзе хаймаҳо садои ҷонгудози гиряи наздикони фавтида ба гӯш мерасид. Яке барои қиблагоҳаш, дигаре барои фарзандаш бо сӯзу гудоз нола мекард. Нолаю фиғони онҳо Дашти Моронро фаро гирифта буд. Фавтидагон дар ёду ҳасрати Ватан, дар ғурбат ҷон ба Ҳақ таслим карданд.



Хулоса, бо ҳар нафаре , ки вохӯрдаву сӯҳбат мекардем, савол медодем, ки оё ба Ватан бармегарданд? Аксарият бо байти зерин ба мо посух медоданд:

*Хоки Ватан аз тахти Сулаймон*
*хуштар,*
*Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.*

**-Нахустин наворҳои шуморо мо дар ёд дорем, ки хеле муассир буданд.**

–Воқеан ҳам чунин буд, баъди ба шаҳри Душанбе баргаштан мо нахустин наворҳои худро тариқи Телевизиони Тоҷикистон дар барномаи «Во ғарибӣ» пахш кардем. Рӯзи дигар атрофи бинои телевизион пур аз одам гардид. Садҳо нафароне, ки падар ё модар, бародар ё хоҳар ва дигар наздиконашонро гум карда буданд, ба идораи телевизион омада хоҳиши онро мекарданд, ки наворҳоро бори дигар ба онҳо нишон диҳем. Мо он одамонро ба толор мебурдем ва наворҳоро пешкаш мекардем. Ҳангоми тамошои наворҳо бисёриҳо наздикони худро дида, шинохтанд ва шукргӯён ашки шодӣ рехтанд ва ба мо арзи миннатдорӣ мекарданд. Ин лаҳзаҳо шӯълаи умеду боварӣ миёни бародарон боз баландтар гардида буд, шӯълае, ки ба Ваҳдат овард…

**-Баъди ин, шумо ҳамроҳи гурӯҳи кории ҳукуматӣ боз якчанд маротиба ба Афғонистон сафар кардед...**

-Бале, вақте мо ба сафари навбатӣ омодагӣ мегирифтем, бисёриҳо нома навишта, аз мо хоҳиш намуданд, ки ин номаҳоро ба хешу ақрабои дар Афғонистон будаашон расонем. Ин номаҳо ва бо мо ҳамсафар шудани ду раисе, ки гурезагон дар бораи онҳо ҳар гуна овозаҳоро шунида буданд, яъне Талбак Садриддинов ва Аҳлиддин Авғонов зимни сафари дуввум барои пешрафти корамон ва таҳкими боварӣ миёни гурӯҳи корӣ ва гуразегон такони ҷиддӣ бахшид. Акнун боварии ҳамватанони мо қавитар ва теъдоди хоҳишмандони ҳар чӣ зудтар ба Ватан баргаштан зиёд мешуд.

**-Яъне, воситаи асосии ахбори онҳо радио буд. Пас барномаҳои радиои Тоҷикистонро ҳам гӯш мекарданд?**

-Бале, ман дар бойгонии худ сабти ҳамон лаҳзаҳоро дорам, ки тамоми гурезагони мо дар Афғонистон имконияти радио гӯш кардан доштанд. Радиои Тоҷикистон, бахусус барномаҳои «Паёми рӯз» ва «Хоки Ватан» дар бозгашти гурезагон саҳми ниҳоят калон гузошт. Аз кадом гурезае, ки савол мекардем, нахуст аз ин ду барнома ёдовар мешуданд ва мегуфтанд, ки субҳи мо аз «Паёми рӯз» ва «Хоки Ватан» оғоз меёбад. Тамоми рӯз онҳо дигар барномаҳои радиои Тоҷикистонро низ гӯш мекарданд. Ҳамон вақт овози баъзе гурезагонро сабт карда, оварда тариқи радио ҳам пахш мекардам, салому паёми эшонро ба ёру дӯстон ва наздиконашон мерасонидем.

**-Яъне, нақши радио ва телевизион дар барқароркунии Ваҳдат хеле калон буд.**

-Дар ин робита, ман бояд бигӯям, ки он айёми парешониву саргардонии миллат, ки ба ҳукми тақдир ҳамватанонамон ба ҳар гӯшаву канор афтода буданд, маҳз радио ва телевизион воситаи ягонае буд, ки сиёсати Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба мардум мерасонд. Рӯзномаю маҷаллаҳо дастраси мардум намегашт ва ё дер мерасид. Яъне, радио ва телевизион ягона воситае буд, ки мардумро ба ваҳдат наздик мекард. Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки нақши журналистон дар Ваҳдати миллӣ хеле калон аст. Онҳо тавонистанд, ки бо суханҳои нарму созанда ва умедворкунанда мардумро бовар кунонанд, ба ҳам биёранд. Буданд баъзе гуфтору барномаҳое низ, ки ҳадафнок набуд ва муаллифони онҳо эҳсоси воқеии ҳамватанони моро чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи кишвар дарк намекарданд. Зимни як вохӯрие, ки дар Афғонистон сурат гирифт ва дар он Шукурҷон Зуҳуров – имрӯза Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок дошт, ба ман савол доданд, ки барои чӣ дар Тоҷикистон баъзе журналистон нисбати мо гапҳои носазо мезананд? Зимни ҷавоб ба ин суол гуфтам, ки имрӯз ҳар кадом журналисте, ки нисбат ба халқи худ чунин суханонро мегӯяд, ӯ дар андешаи ваҳдати миллӣ нест. Вақти бозгашт аз Афғонистон ман чунин изҳори ташвиши ҳамватанонро ба ҳамкасбонам мерасондам ва онҳоро даъват мекардем, ки фаъолияти худро барои ба ҳам овардани миллат равона кунанд, сухани созанда гӯянд, на сӯзанда.

**-Таманнои шумо дар Рӯзи Ваҳдат.**

-Баъди гузашти солҳо ман имрӯз ба ҳамин хулоса омадам, ки беҳтарин неъмат барои инсон ин Ваҳдат аст. То Ваҳдати воқеӣ ва оромӣ набошад, ягон кишвар пеш намеравад. Имрӯз, шукр мамлакатамон тинҷу осуда аст, мо бояд ба қадри ин неъматҳои Парвардигор бирасем, андешаманд бошем. Набояд фаромӯш кард, ки ваҳдати мо ба ивази қурбониҳои зиёди тифлону наврасон, ҷавонону пирон ба даст омад. Ваҳдат бояд аз хонавода сар шавад ва дар мактабу ҷомеа ва саросари кишвар таҳкиму густариш ёбад ва мо чун як миллати воҳиду муттаҳид Ватанро боз ҳам ободу зебо гардонем.

***-Барои сӯҳбати самимӣ ташаккур.***

*Мусоҳиб Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»*

*Камол НАСРУЛЛО,*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

## СУРУДИ ВАҲДАТ

*Ин сафои бахт, ин фирӯзии имони мост,*
*Ҷашни Ваҳдат, ҷашни нузҳат,*
*ҷашни шаъну шони мост.*

*Ҷашни фарзандони қурбонгашта дар*
*роҳи мурод,*
*Зинда монда дар шукӯҳи мардуми олинажод.*

*Ҷашни он оби парешоне, ки бо ҳам ошност,*
*Ҷашни ин марзе, ки хоки ӯ назаргоҳи Худост.*

*Ҷашни рӯзи рӯзии мо, рӯзгори васли мост,*
*Ҷашни эҳёи асолат, бозтоби асли мост.*

*Ҷашни файзи субҳи сулҳу бозгашти офтоб,*
*Ҷашни фатҳи ҳикмату ин чеҳраҳои бениқоб.*

*Ҷашни пирӯзии ному тоҷу тахти тоҷикон,*
*Ҷашни нурафшонии хуршеди бахти тоҷикон.*

*Ваҳдат ин осоиши ҳар хонадони тоҷик аст,*
*Рӯшании эзадӣ дар ҷисму ҷони тоҷик аст.*

*Аз Бадахшону Зарафшон, Суғду*
*Хатлону Ҳисор,*
*Бораи нанги ватан шуд шонаи мардони ор.*

*Аз дили таърих бо набзи бузургони диёр,*
*Мерасад пайки саодат, шодбоши ифтихор.*

*Бар замини Тоҷикистон нури*
*Раҳмон мерасад,*
*Дил ба армон, сар ба сомон, ҷон ба*
*ҷонон мерасад.*

*Ҳақназар ҒОИБ,*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

## ВАҲДАТИ МО

*Ваҳдати мо дил ба рӯи якдигар во*
*кардан аст,*
*Чеҳраҳои офтобиро ба дил ҷо*
*кардан аст,*

*Аз нигоҳи садри олии Ватан*
*бо ҳамдилӣ,*
*Тоҷиконро тахтшини тахти*
*дунё кардан аст.*

*Тоҷикони рӯи дунё зодагони Ваҳдатанд,*
*Ҷон ба ҷон бинҳода бо ҳам ҷон*
*ба ҷони Ваҳдатанд.*

*Чун суруди миллӣ аз бунёди*
*олишони мо,*
*Даъвати Ваҳдат кунад овози*
*аҷдодони мо.*
*Медиҳад бо фарри яздонӣ зи*
*Ваҳдат муждаҳо,*
*Тоҷики сайёраро Эмомалӣ Раҳмони мо.*

*Ваҳдати олӣ, ки бахти миллати*
*мо гаштааст,*
*Миллати яктои мо якто ба*
*дунё гаштааст.*

*Як садо дорад кунун Хатлони мо,*
*Раштони мо,*
*Як наво дорад кунун Сайҳуни мо,*
*Вахшони мо.*
*Модари якто кунун модархудои*
*тоҷик аст,*
*Шири Ваҳдат нӯши ҷон гардад*
*ба фарзандони мо.*

*Эй Ватан, шукронаҳо, ки*
*хонаи Ваҳдат шудӣ,*
*Хонаи пурбачча аз шукронаи*
*Ваҳдат шудӣ!*

*Ширин БУНЁД,*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

## ҲАФТ БУРҶИ ТОҶИКИСТОН

*Ҳафт бурҷи Тоҷикистон ҳафт*
*рукни олам аст,*
*Ҳафт бурҷи Тоҷикистон ҳафт*
*пушти одам аст.*
*Ҳафт бурҷи Тоҷикистон*
*ҳафт шаҳзоди Худо,*
*Ҳафт бурҷи Тоҷикистон*
*ҳафт эҷоди Худо.*
*Тоҷикистон бо Қаротегини*
*худ-хуш давлате,*
*Тоҷикистон бе Қаротегин*
*надорад савлате.*
*Тоҷикистон шӯҳра шуд бо*
*мушкилу осони хеш,*
*Тоҷикистон гӯшаи бенур бе*
*Хатлони хеш.*
*Тоҷикистон бо Хуҷандаш*
*босару сомона аст,*
*Тоҷикистон бе Хуҷандаш*
*гӯшаи вайрона аст.*
*Тоҷикистон бо Зарафшон аст*
*боғи пурсамар,*
*Тоҷикистон бе Зарафшон*
*зар надорад дар камар.*
*Тоҷикистон бо Ҳисори Шодмонаш*
*шод бод,*
*Бо Ҳисори Шодмонаш хонаи обод бод.*
*Тоҷикистон Вахш дорад,*
*Вахши ганҷафшони худ,*
*Тоҷикистон гӯшаи танг аст*
*бе Вахшони худ.*
*Тоҷикистон бо Бадахшон марди*
*якҷону тан аст,*
*Тоҷикистон бе Бадахшон*
*хонаи беравзан аст.*
*Ҳафт бурҷи Тоҷикистон*
*ҳафт ризвони ман аст,*
*Ҳафт бурҷи Тоҷикистон*
*ҳафт ихвони ман аст.*

## ВАҲДАТ — БАҚОИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ

Бо чунин мазмун чанде пеш дар маҷлисгоҳи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба 15 – умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ ҷамъомад баргузор гардид, ки дар он иҷрокунандаи вазифаи ноиби Президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Кароматулло Олимов дар мавзӯи «Ваҳдати миллӣ – дастоварди бузурги халқи тоҷик» маъруза кард. Маърӯзачӣ аз давраҳои ташаккули Ваҳдати умумимиллӣ ёдрас гардида, таҳкиму нақши Ваҳдатро дар амри бунёди ҷомеаи нав муҳим арзёбӣ намуд.

Ходимони намоёни давлатӣ Султон Мирзошоев ва академик Талбак Назаров зимни суханронииашон бо чӣ қимате ба даст омадан ва арҷгузорӣ ба ин дастоварди бузурги миллиро таъкид доштанд.

Ҳамчунин раиси Ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Қурбон Восиев, раиси Шӯрои собиқадорони Ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Нодир Одилов низ даъват ба амал оварданд, ки дар таҳкими Ваҳдати миллӣ бояд ҳар як фард, сарфи назар аз мақоми ҷамъиятӣ, саҳмгузор бошад, зеро оянда дурахшони Тоҷикистон, пеш аз ҳама аз сулҳу субот, ваҳдату ҳамдигарфаҳмии аҳли кишвар вобастагӣ дорад.

*Мирзо НУРАЛИЕВ, «Садои мардум»*



***Ин расмҳо дар рӯзҳое аксбардорӣ шудаанд, ки тамоми мардуми тоҷик иди Ваҳдатро бо шукӯҳу шаҳомат 28 июни соли 1997 дар Майдони 800-солагии Москва дар назди бинои Театри давлатии опера ва балети ба номи устод С. Айнӣ ҷашн мегирифтанд.***



*Суратҳо аз бойгонии суратгир А. Исоев манзури хонандагону муштариёни арҷманд мегарданд.*

## ХУШНОМУ ЗАБАРДАСТ ШУДӢ-МАРДИ ҶАҲОНӢ!

***Барои ба ҳадафҳои олӣ расидан ва барқарор намудани сулҳу субот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон чӣ ҷонбозиҳое накардааст. Ҷон ба каф гирифта, борҳо ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон сафар кард, то ки охирин тоҷики фирорӣ ба Ватан баргардад. Борҳо бо гурӯҳҳои мухолифин сӯҳбату мулоқотҳо дошт. Аз минбарҳои баланди ҷаҳон, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид баромад намуда, ҳамеша манфиатҳои Тоҷикистони соҳибистиқлолро ҳимоя менамояд.***

***Инак, 15 сол боз мо шаҳди сулҳу осоиштагиро чашида, дар зери осмони софу бегубор зиндагонии хушу хурсандона дорем. Акнун давлатҳои дунё аз дастовардҳои сулҳи тоҷикон меомӯзанд ва онро дар амал ҷорӣ мекунанд.***

***Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои чунин фидокорӣ ва ҷасорати беназир бо чандин мукофотҳои байналмилалӣ шарафёб гардидааст, ки чандеро аз номгӯяшон ёдрас мекунем.***

***

**Соли 1998.** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов дар ҷаласаи Маҷмаи умумии СММ бо Ҷоизаи байналмилалии сулҳ сарфароз гардид.

***

**Соли 1999.** Ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ситораи тиллои Алберт Швейсер ва диплом дар бораи узви фахрӣ ва профессори ифтихории фалсафаи Академияи умумиҷаҳонии тиббӣ интихоб гардиданаш супорида шуд.

***

**11 декабри соли 1999**. Бо Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмонов Эмомалӣ Шарифович унвони олии «Қаҳрамони Тоҷикистон» дода шуд.

***

**Соли 2000.** Ба Эмомалӣ Раҳмонов барои хизматҳояш дар истиқрори сулҳу сафо дар мамлакати мо ва ҷидду ҷаҳди ӯ дар боби таҳкими сулҳ Ҷоизаи Корпуси байналмилалии сулҳ, ҳамзамон Ҷоизаи байналхалқии «Сулҳ-99» тақдим гардид.

***

**Соли 2009.** Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо унвони Профессори фахрии яке аз донишгоҳҳои кӯҳанбунёд ва пешрафтаи илми ҷаҳонӣ- Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М. В. Ломоносовро қадрдонӣ гардид.

****

**Соли 2010.** Ба Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон Ҷоизаи «Расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсолаи СММ» супорида шуд.

****

**Соли 2011**. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон соҳиби унвони олии фарҳангию сиёсии ҷомеаи Аврупо- «Пешвои асри XXI» гардид.

***

**Соли 2012.** Бо Қарори Шӯрои Донишгоҳи Сямэни музофоти Фуҷиан ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барои хизматҳои шоён дар таҳкиму густариши муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории пурсамар бо Ҷумҳурии Халқии Хитой, аз ҷумла дар соҳаи илму маориф, унвони профессори фахрии Донишгоҳи Сямэн дода шуд.

*Фароҳамсоз Фирӯза ҲАБИБУЛЛОЕВА*

●Чеҳраҳои шинохта

# РОҲИ ИНТИХОБКАРДААШ ӮРО ДАР ЗИНДАГӢ САРБАЛАНД НАМУД

**Ҷамоати деҳоти Дарморахти ноҳияи Шуғнон ба кишварамон шахсиятҳои шинохтаи ҳизбӣ, давлатӣ ва фарҳангиро, ба монанди шоири маъруф Тилло Пӯлодӣ, ҷавонтарин академик дар собиқ Иттифоқи Советӣ Худоёр Юсуфбеков, ходимони ҳизбӣ ва давлатӣ- Сафири Фавқулодда ва Мухтори Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Белорус Қозидавлат Қоимдодов, вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадамин Маҳмадаминов, собиқ Раиси Шӯрои депутатҳои халқи ВМКБ Ғарибшо Шабозов ва дигаронро бахшидааст.**

**Арбоби шинохтаи давлатӣ ва ҷамъиятӣ, муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирганд Шабозов низ зодаи ҳамин диёри овозадор аст ва шаш даҳсола пеш дар деҳаи Нишуспи Ҷамоати деҳоти Дарморахт ба дунё омадааст.**



**Падараш - бобои Шабоз як умр бо замин сарукор дошт, вале аз омӯзиши илм –забон ва адабиёт баҳравар буд. Ин буд, ки меҳри маърифат ва донишандӯзиро дар замири фарзандонаш аз хурдсолӣ ҷо кард. Маҳз серталабӣ ва масъулиятшиносии падар сабаб гардид, ки ҳамаи фарзандонаш соҳиби маълумоти олӣ гардида, ҳар кадоме номи муборакӣ Шабозовро чӣ дар вилоят, ҷумҳурӣ ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ шӯҳратманд гардониданд. Фарзанди калонӣ Одилхон Шабозов яке аз аввалин зодагони Бадахшон аст, ки ҳанӯз соли 1966 дар соҳаи математика рисолаи номзадиро ҳимоя кард. Дар пайравии Одилхон додараш Мирганд ва хоҳараш Қобиламоҳ низ соҳаи математикаро интихоб намуданд. Ғарибшоҳ Шабозов солҳои зиёд дар вазифаҳои баланди ҳизбӣ ва давлатӣ кор карда, дар лаҳзаҳои ҳассос ва мушкили солҳои 1992-1994 масъулияти Раиси Шӯрои депутатҳои халқи ВМКБ-ро ба ӯҳда дошт.**

**Ситораи бахти Мирганд баландтар баромад ва ӯ ба дараҷаи олии илм-академики Академияи илмҳои Тоҷикистон ва муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлисии Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон расид.**

- Меҳри математик шуданро дар дилам пеш аз ҳама муаллими арҷмандам яке аз математикҳои номдори Бадахшон, Аълочии маорифи СССР Ғоибназар Мирҳилолов бедор карда буд. Ҳамчунин муаллими фанни физика Абдулалӣ Парвонаев низ маро ҳидоят карданд, ки ба омӯзиши ин ду фан ҷиддитар машғул шавам. Ман як умр аз ин устодонам миннатдор ҳастам.

Саҳми бародарам, номзади илмҳои математика Одилхон Шабозов низ дар тарбия ва ташаккули банда хеле назаррас аст, - мегӯяд Мирганд Шабозов.

Айёми ширини таҳсил дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1- и деҳаи Нишусп гӯё дар як лаҳза ноайён сипарӣ шуд. Одатан қисме аз хатмкунандагони мактаби миёна дар интихоби касб дудила мешаванд, вале Мирганд қатъиян роҳи ояндаашро муайян намуда буд: ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи механикаю математикаи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло ДМТ) супурд. Дар кӯлбораш номаи камоли аъло ва медали нуқраи Олимпиадаи ҷумҳуриявии мактаббачагон аз фанни математика ва дили пур аз орзуву ҳавас ба илмомӯзӣ дошт.

Ӯ солҳои 1969-1974 дар факултаи механика ва математика таҳсил карда, аз устодони бузург профессорон Абдуҳамид Ҷӯраев, Леонид Григоревич Михайлов ва дигарон сабақ омӯхт. Маҳз сахтгирию серталабии устодони факулта буд, ки ӯ университетро бо баҳои аъло хатм намуда, барои давом додани кори илмӣ ба сифати ассистенти кафедраи таҳлили математикӣ дар университет монд. Қобилият ва шавқи илмомӯзии олими ҷавон Мирганд Шабозовро ба инобат гирифта, бо тавсияи Шӯрои илмии университет соли 1976 ӯро барои идома додани таҳсил ва анҷоми кори илмӣ ба аспирантураи Пажӯҳишгоҳи математикаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Украина фиристониданд. Барои олими ҷавон дари илми муосири математика боз шуд ва ӯ тадриҷан ба мақсад ва ҳадафҳои илмияш наздик мешуд. Дар Украина бо олимони маъруфи риёзидон шинос шуда, аз ҳар кадоме барои худ чизе дарёфт.

Соли 1980 барои олими ҷавон Мирганд хотирмон аст. Маҳз дар ҳамин сол зери роҳбарии академик Николай Павлович Корнейчук рисолаи номзадиашро ҳимоя намуда, сазовори унвони илмӣ- номзади илмҳои физика ва математика гардид.

Мирганд Шабозов солҳои баъдӣ- 1980-1992 дар факултаи механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун ассистент, муаллими калон, дотсенти кафедраи назарияи функсияҳо ва таҳлили математикӣ фаъолият намуда, дар тарбияи шогирдон саҳми калон гузошт.

Фаъолияти минбаъдаи пажӯҳишӣ ва илмии Мирганд Шабозов ба даврони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон мувофиқ омад. Дар ин миён бештари олимон аз ҷумҳурии мо кӯч бастанд, аз ҷумла олимони соҳаи математика низ. Зарурате пеш омад, ки аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ олимони соҳаро омода намоянд. Ин буд, ки ӯро барои таҳсил ва такмилу омӯзиши математикаи муосир ба Академияи миллии Украина фиристоданд. Ниҳоят, баъди ҷустуҷӯҳои зиёди илмӣ ва бедорхобиҳои зиёд ӯ соли 1996 дар шаҳри Киев рисолаи докториашро бомуваффақият ҳимоя намуд.

Мирганд Шабозов ҳам такмили илм карду ҳам дар докторантура таҳсил карда, ба сифати ходими калони илмии шӯъбаи назарияи наздиккунии функсияҳои Институти математикаи Академияи миллии Украина ва ҳамзамон –профессори кафедраи таҳлили математикии Донишгоҳи миллии Украина фаъолият дошт.

Дар ин миён аз ҷониби ҳамкасбони украиниаш пешниҳод шуд, ки ба ҳайси мудири кафедра дар Университети миллии Украина монад. Аммо дили Мирганд ба Ватан, ба Тоҷикистони азизаш кашол буд, зеро он айём барои донишгоҳу донишкадаҳои кишварамон омӯзгорони соҳибтаҷриба ва соҳибунвон намерасиданд. Ин буд, ки вай ба донишгоҳи азизаш баргашт ва бо меҳнати ҳалолаш ба дараҷаи баланди илмӣ-академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон расид.

Таҳлили математикӣ ва назарияи функсияҳо, аз ҷумла наздиккунии беҳтарини функсияҳои ҳақиқӣ ба воситаи бисёрузваҳо, формулаҳои оптималии квадратурӣ, барқарор намудани қиматҳои операторҳо ва функсионалҳо аз рӯйи ахбороти нопурра, масъалаҳои экстремалии назарияи наздиккунии беҳтарини функсияҳои комплексӣ мавзӯъҳои асосии кори анҷомдодаи Мирганд Шабозовро ташкил медиҳанд. Ӯ дар соҳаи илму тарбияи шогирдон воқеан ҳам муваффақ гардид ва дар ин ҷода заҳматҳояш бо нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» (1988) ва Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон (1989) қадрдонӣ шудааст.

Соли 1998 тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илмҳои физикаю математика, профессор Мирганд Шабозов ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев таъин шуд.

Ташкилотчигӣ ва қадрдониаш маҳз дар давраи ректори донишгоҳ буданаш баръало намоён шуд. Дар давраи роҳбарии ӯ иқтидори илмии донишгоҳ хеле пеш рафт. Ректори нав дар наздаш вазифа гузошт, ки муносибати олимону устодони донишгоҳро бо марказҳои илмии ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар мустаҳкам намояд. Зарурат ба миён омад, ки маркази илмӣ ва таълимию тарбиявиро дар худи донишгоҳ ҷавобгӯй ба талаботи замони муосир муҳайё намояд. Дар оғоз мушкилҳо зиёд буданд, вале ректор батадриҷ ҳамаи корҳоро ба сомон расонд. Агар то ба донишгоҳ омаданаш дар донишгоҳ як доктори илм ва шаш номзади илм фаъолияти педагогиву илмӣ мекарда бошанд, тӯли ҳафт соли роҳбариаш дар донишгоҳ шумораи докторони илм ба даҳ ва номзадҳои илм ба 45 расид. Дар ин муддат 84 нафар донишҷӯён ва дастпарварони донишгоҳ ба донишгоҳу донишкадаҳои шаҳрҳои Москва, Бишкек ва Британияи Кабир дохил шуда, таҳсилашонро хатм бахшида, соҳиби унвонҳои баланди илмӣ гардиданд. Ташкилотчигии ректори донишгоҳ, профессор Мирганд Шабозов буд, ки Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба қатори беҳтарин таълимгоҳҳои ҷумҳурӣ шомил гардид.

Мирганд Шабозов баробар ба вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев, инчунин давоми ҳафт сол вазифаи Раиси Шӯрои Ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар ВМКБ –ро низ бар зимма дошт. Дар ин роҳ низ ҳамеша кӯшиш мекард, ки дар ниҳоди ҳар як сокини вилоят сулҳдӯстӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ парвариш ёбад. Маҳз икдоми чунин роҳбарон буд, ки Ваҳдати миллӣ пойдор монд ва кишварамон ба комёбиҳои нав ноил гардид. Барои пешрафти кор ва тарбияи шогирдону мустаҳкам кардани базаи таълимии донишгоҳ соли 2002 бахшида ба 10- солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба Мирганд Шабозов унвони фахрӣ - Корманди шоистаи Тоҷикистон дода шуд.

Акнун ӯро на танҳо чун олими маъруф ва роҳбари як муассисаи таълимӣ, балки чун сиёсатмадори шинохта ҳам пазируфтанд, ҳатто дар хориҷи кишвар низ. Вай дар конференсияву симпозиумҳои математикҳои дунё дар шаҳрҳои Киев, Москва, Берлин ва давлатҳои Ҳиндустон, Испания, Полша, Фаронса иштирок ва маърӯзаҳо кардааст. Моҳи августи соли 1998 дар Конгресси математикҳои дунё дар шаҳри Берлин, июни соли 2000 дар Конгресси байналмилалии математикони Аврупо дар шаҳри Барселонаи Испания, январи соли 2001 дар Конгресси байналмилалии математикони Ҳиндустон, майи соли 2003 дар Конференсия оид ба назарияи функсияҳо дар Фаронса, моҳи ноябри соли 2005 дар Конференсия оид ба такмили ҳисобкуниҳои омории мушаххас доир ба баланд бардоштани ҳисобҳои дақиқи Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ дар шаҳри Москва, моҳи майи соли 2010 дар Конференсияи байналмилалӣ ба муносибати 105-солагии академик С.М. Никольский дар шаҳри Москва ва моҳи июни соли 2010 дар Конференсияи байналмилалӣ доир ба назарияи функсияҳо ва наздиккунии беҳтарини онҳо ба шарафи 90-солагии академик Н.П. Корнейчук дар шаҳри Киев бо маърӯзаҳои ҷолиби илмӣ баромад намудааст.

Академик Мирганд Шабозов аъзои Ҷамъияти математикҳои Амрико мебошад. Вай муаллифи шаш китоби илмиву таълимӣ, зиёда аз 140 мақолаи илмӣ буда, як доктори илм ва дувоздаҳ номзади илм омода кардааст.

Мирганд Шабозов солҳои 2005-2010 вазифаи раиси Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва солҳои 2006-2008 вазифаи раиси Кумитаи омори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро бар зимма дошт. Бояд зикр намуд, ки давраи роҳбариаш сатҳи таҳлили рушди иқтисодӣ-иҷтимоии кишварро ҳамаҷониба аз назари илмӣ асоснок карда, ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намуд. Вай соли 2006 дар Конференсияи оморчиёни Аврупо дар шаҳри Женеваи Швейтсария, моҳи майи соли 2007 дар Конференсияи оид ба такмили ҳисобкуниҳои омории мушаххас доир ба баланд бардоштани ҳисобҳои дақиқи Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ (ММД – шаҳри Москва) ва ғайраҳо бо маърӯзаҳои ҷолиб баромад кард.

Бахусус, маърӯзааш дар Конференсияи Аврупоии оморчиён (Женева, Швейтсария) таҳти унвони «Масъалаҳои иқтисодии Тоҷикистон дар давраи гузариш» аз он ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад, ки Тоҷикистон дар давраи гузариш (ба муносибатҳои нави бозаргонӣ ва шароити нави бозори меҳнат) ба ҳалли мушкилоти ҳаётан муҳими иҷтимоӣ- иқтисодӣ иқдом намуд.

Академик Мирганд Шабозов дар Конференсияи VI Аврупоии оморшиносон (Париж, 2009) маърӯзаҳои пурмазмун кард. Гузоришҳои ӯ таҳти унвони «Масъалаҳои муҳоҷират дар Тоҷикистон» ва «Бенавоӣ дар Тоҷикистон», ки дар муҳимтарин маҷаллаи омории Фаронса чоп шудааст, масъалаҳои рушди иқтисодӣ ва муҳоҷирати меҳнатиро инъикос кардааст.

Бо боварии комил метавон гуфт, ки академик Мирганд Шабозов чӣ дар ҷодаи илми математика ва чӣ дар ҷодаи масъалаҳои оморӣ хизмати арзанда ба анҷом расонида, ба шумули олимоне дохил мешавад, ки ҳам кори илмӣ ва ҳам вазифаҳои давлатиро пеш бурда, барҳақ илмҳои математика ва омори Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳон баланд бардоштааст.

Ҳамаи ин хислатҳои ҳамидаашро ба инобат гирифта, дар Конференсияи ҳизбии муштараки комиҷроияи шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Ишкошим, Мурғоб, Роштқалъа ва як қисмати ноҳияи Шуғнон Мирганд Шабозовро аз ҳавзаи интихоботии Хоруғ 41 ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон номзад пешбарӣ намуданд.

Инак, чанд сол аст, ки Мирганд Шабозов муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ӯ ҳамчун вакили халқ ва олим ният дорад, ки дар таҳияи қонунҳои нав ва тағйиру иловаҳо ба қонунҳои ҷорӣ оид ба илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон саҳмгузор бошад. Мирганд Шабозов дар баланд бардоштани мавқеи зиёиён, муқаррар намудани имтиёзҳо барои онҳо, ба дараҷаи баланд расонидани таълиму тарбия, ба технологияи муосир фаро гирифтани системаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ва ғайраҳоро вазифаҳои аввалиндараҷаи худ медонад.

Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирганд Шабозов пас аз манзур гардидани Паёми имсолаи Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба навоҳии ВМКБ сафар карда, бо интихобкунандагонаш воҳӯриву мулоқотҳо дошт. Зимни мулоқоту воҳӯриҳо дар ноҳияҳои дурдасти Мурғоб, диёри баландкӯҳи водии Ғунди ноҳияи Шуғнону Рӯшон ва Ишкошим сухан танҳо аз сулҳу Ваҳдат, дӯстию рафоқат ва ободкориву созандагӣ мерафт. Сокинони ин ноҳияҳо суханронии вакилашон Мирганд Шабозовро аз хусуси Паёми имсолаи Сардори давлат, моҳияти ҷашнҳои дар пешистодаи 15- солагии Ваҳдати миллӣ ва 20- солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мароми том шунида, изҳор намуданд, ки ҳамеша сиёсати пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Парлумони Тоҷикистонро ҷонибдорӣ мекунанд. Ҳамчун вакил аз ин сафар ва мулоқотҳо бо интихобкунандагонаш бо як силсила дархост, ки бахри таҳияву такмили қонунҳо пешниҳод шудаанд, баргашт.

Боварӣ ҳаст, ки Мирганд Шабозов, ҳамон тавре ки дар соҳаи илми математика ба дараҷаи баланди илмӣ - академикӣ расид, дар фаъолият ва роҳбариаш ба ҳайси муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нақши муҳим ва арзанда хоҳад гузошт.

***Тиллои НЕКҚАДАМ, «Садои мардум»***

●Амнияти энергетикӣ

# НБО-И "РОҒУН" КАФИЛИ ЗИНДАГИИ АРЗАНДАИ МАРДУМИ САРБАЛАНДИ ТОҶИК

Энергия яке аз ниёзмандиҳои асосии инсон, аз ҷумлаи муҳимтарин омили истеҳсолот ва фаъолияти ҷамъият мебошад. Аз ин ҷо амнияти энергетикӣ, ки ба ҳимояи мамлакат, шаҳрвандони он, ҷамъият, давлат ва иқтисодиёт аз хавфи норасоӣ дар таъмини талаботи асосноки онҳо бо энергияи аз нигоҳи иқтисодӣ дастраси захираҳои сӯзишвориву энергетикӣ ба мадди аввал мебарояд.

Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти таъмини амнияти миллӣ ба миён омад. Амнияти миллӣ якчанд шаклҳои амниятро дар бар мегирад, ки олимон онҳоро ба се гурӯҳ тақсим намудаанд:

1. Амнияти шахсият
2. Амнияти ҷамъият ва давлат
3. Амнияти иқтисодӣ

Пешрафти иқтисоди миллӣ, асосан аз кафолати пурраи таъмини энергия вобаста мебошад, яъне амнияти энергетикӣ яке аз қисмҳои асосӣ ва ҷудонашавандаи амнияти иқтисодиро ташкил медиҳад. Бинобар ин, яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амнияти энергетикии кишвар ба ҳисоб меравад ва дар ин самт Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери партави сиёсати хирадмандонаи Президенти мамлакат бо қадамҳои устувор пеш меравад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели соли 2012 бо факту рақамҳои муқоисавии солҳои 1989 ва 2011 вазъи шабакаи энергетикии Тоҷикистонро таҳлил намуданд.

Дар давраи мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ, тӯли зиёда аз 70 сол шабакаи ягонаи энергетикӣ амал мекард ва таҳти идоракунии Вазорати энергетикаи Иттиҳоди Шӯравӣ мувозинати интиқоли барқ байни системаҳои энергетикии ҷумҳуриҳо ҷиддӣ риоя мешуд. Бо ҳамин сабаб, бӯҳрони энергетикии калонтарини ҷаҳонии солҳои 1973 ва 1974, ки ба амнияти энергетикии давлатҳои тараққикардаи саноатии ҷаҳон хавф ва таъсири воқеӣ расонид, Иттиҳоди Шӯравӣ ин бӯҳрони энергетикиро ҳатто ҳис накарда буд.

Яке аз шабакаҳои энергетикиро шабакаҳои энергетикии Осиёи Марказӣ ташкил медод, ки ба он шабакаҳои энергетикии Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Қазоқистон пайваст буданд. Давоми мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ дар мавсимҳои тирамоҳу зимистон ҳар сол 3-4 млрд. кВт-соат неруи барқ аз шабакаҳои энергетикии ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Туркманистон, баъзе солҳо аз шабакаҳои энергетикии Қазоқистон низ ба шабакаҳои энергетикии Тоҷикистон интиқол мешуд. Дар навбати худ фасли тобистон неруи барқ аз шабакаҳои энергетикии Тоҷикистон ба шабакаҳои энергетикии ҷумҳуриҳои номбурда интиқол меёфт.

Сабаби якуми камчинии барқ ва интиқоли мавсимии неруи барқ аз шабакаҳои энергетикии ҷумҳуриҳои ҳамсоя дар фасли зимистон ба шабакаҳои энергетикии Тоҷикистон ва баръакс дар фасли тобистон аз шабакаҳои энергетикии Тоҷикистон ба шабакаҳои энергетикии ҷумҳуриҳои ҳамсоя дар он буд, ки дар ҷумҳуриҳои ҳамсоя неруи барқ асосан бо сӯзишворӣ (гази табиӣ ва мазут), вале дар Тоҷикистон асосан ба воситаи об истеҳсол мешавад. Муттаассифона, фаслҳои тирамоҳу зимистон аз сабаби сардии ҳаво обшавии пиряхҳо тамоман кам гашта, воридшавии об ба обанбори НБО-и «Норак», ки 70 фоизи неруи барқи ҷумҳуриро истеҳсол менамояд, хеле паст шуда, дар 1 сония ба 60-90 $м^3$ баробар мешавад, ҳол он ки барои истеҳсоли барқ ба воситаи агрегатҳо аз обанбор дар як сония ба ҳисоби миёна то 800 $м^3$ об мегузарад.

Тартиби кори обанбори НБО-и «Норак» дар давоми сол, чунин аст:

Тавре зикр гардид, тартиби кори обанбори НБО-и «Норак» аз фасли сол вобастагии пурра дорад. Зиёдшавии даромади об ба обанбор аз моҳҳои апрел-май сар мешавад, яъне аз оғози баландшавии ҳарорати ҳаво, ҳамин тавр оҳиста-оҳиста дар фасли тобистон даромади об аз 1200 $м^3$ дар як сония то ба зиёда аз 2500 $м^3$ дар як сония мерасад. Аз рӯйи қоидаи истифодабарии чунин обанборҳо, дар як шабонарӯз ҳамагӣ 60 см сатҳи обро бардоштан мумкин аст, оби зиёдатие, ки ба обанбор дохил мешавад, ба воситаи нақбҳои обпарто бидуни агрегатҳои неругоҳ партофта мешавад.

Тавре Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус таъкид намуданд, агар миқдори оби обанбори НБО-и «Норак», ки тобистони соли 2010 ба воситаи нақбҳои обпарто гузашт, ба воситаи агрегатҳои НБО-и «Норак» мегузашт, тақрибан 7,4 млрд. кВт-соат неруи барқ истеҳсол мешуд ва дар ҳолати пайдо шудани бозори берунаю фурӯхтани он ба давлатҳои ҳамсоя ба иқтисодиёти Тоҷикистон фоидаи зиёд меовард.

Баландии сатҳи об дар обанбор 910 метрро ташкил дода, сатҳи пасттарини он 857 метрро ташкил медиҳад.

Аз рӯйи технологияи (қоидаҳои) истифодабарӣ аз сатҳи 857 метр пасттар истифода бурдани оби обанбор оқибатҳои хавфнок дорад.

Агар имконияти захираи об дар обанбори НБО-и «Норак» зиёд мешуд, ҳоло дар ҷумҳурӣ, бинобар тӯли солҳои охир чораҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон камчинии барқ умуман ҳис намешуд.

Аз ҳамин сабаб барои ба истиқлолияти энергетикӣ расидан Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки ҳар чӣ зудтар ду агрегати аввали НБО-и «Роғун»-ро ба истифода супорад. Мавриди истифода қарор гирифтани навбати якуми НБО-и «Роғун» истиқлолияти пурраи энергетикии Тоҷикистони азиз мебошад.

Сабаби дуюми камчинии неруи барқ дар мавсими тирамоҳу зимистон аст, ки бо пастшавии ҳарорати ҳаво аз моҳи октябр то моҳи апрел, камшавии даромади об ба обанбори НБО-и «Норак» сар шуда, баръакс, талабот ба неруи барқ, яъне истеъмоли барқ, рӯз то рӯз дар ин давра меафзояд. Барои муқоиса истеъмоли воқеии неруи барқро аз тарафи аҳолӣ дар се моҳи тобистон ва се моҳи зимистони соли 2011 мисол меорем. Дар моҳҳои июн, июл ва август, ки аҳолӣ 24 соат бо неруи барқ таъмин аст, мутаносибан 201; 224 ва 225 млн. кВт-соат ва дар моҳҳои январ, феврал ва декабр, ки меъёри истифодаи неруи барқ ҷорӣ шудаасту аҳолӣ 12-15 соат бо неруи барқ таъмин мешавад, мутаносибан 565; 512 ва 513 млн. кВт-соат аҳолии ҷумҳурӣ неруи барқ истифода намудааст.

Агар неруи барқро аз тарафи аҳолӣ байни солҳои охир муқоиса намоем чунин аст:

Дар соли 2003-юм 3,1 млрд кВт.-соат, соли 2009-ум 3,7 млрд. кВт-соат ва дар соли 2010-ум 4,1 млрд. кВт- соат неруи барқ аз тарафи аҳолии ҷумҳурӣ истифода шудааст. Агар яке аз сабабҳои сол то сол зиёд шудани истифодаи барқ аз тарафи аҳолӣ ин ҳар сол то 2-2,5 фоиз афзудани аҳолии Тоҷикистон бошад, сабаби дигар ва асосии он баланд шудани сатҳи зиндагии мардуми Тоҷикистон аст.

Ин ҷо мехостам аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 20 апрели соли 2012) иқтибос орам: «Ба шарофати пуштибонии самимона ва заҳмати софдилонаи мардуми кишвар ба Ҳукумати мамлакат муяссар шуд, ки аз соли 2000-ум инҷониб доир ба ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар доираи барномаву стратегияҳои милливу соҳавӣ пайваста чораҷӯӣ намояд… Ҳамин тавр, сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат аз 81 фоизи соли 1999-ум то ба 42 фоиз дар соли 2011 кам карда шуд».

Бешубҳа, яке аз омилҳои зиёдшавии истифодаи неруи барқ аз тарафи аҳолӣ ин баланд шудани сатҳи зиндагии сокинони ватани маҳбубамон мебошад. Зеро дар ин давра мардум имконият пайдо кард, ки барои беҳтар намудани шароити маишии зиндагиашон бештар аз асбобҳои барқӣ, ба монанди дарзмол, яхдон, телевизор, кондитсионер, печҳои барқии хонагармкунӣ, обгармкунак, обҷӯшонак, чангкашак, печҳои барқии хӯрокпазӣ ва ғайра бештар истифода баранд. Дар даврони шӯравӣ мардуми мо ҳатто аксари ин асбобҳои рӯзгорро намедонистанд, ҳатто яхдону телевизор барои ҳама дастрас набуд.

Сабаби сеюми афзоиши истеъмоли барқ аз тарафи аҳолӣ бо муқоисаи солҳои пешин, ин қатъ гаштани интиқоли гази табиӣ барои аҳолӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад. Агар аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2004-2006 ба ҳисоби миёна ҳар сол 285 млн.$м^3$ гази табиӣ истифода карда бошад, соли 2007-ум он то 68 млн.$м^3$, соли 2008-ум то 43 млн $м^3$, соли 2009-ум то 17,1 млн $м^3$, кам гардида, солҳои 2010 – 2011 бошад, ин рақамҳо ба сифр (0) баробар шуданд.

Гази табииро мардум асосан фасли зимистон гирифта, барои пухту паз, обҷӯшонӣ, обгармкунӣ ва дигар эҳтиёҷоти рӯзгор истифода мебурданд, ҳоло бошад, ҳамаи ин тавассути неруи барқ анҷом дода мешавад.

Аз сабаби қатъ гаштани интиқоли гази табиӣ аз тарафи Ӯзбекистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло Маркази барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе фасли зимистон ҳамагӣ 10 фоизи тавоноияш бо мазут фаъолият намуда, Маркази барқу гармидиҳии «Ёвон» ва дегхонаҳои гармидиҳии ғарбӣ ва шарқии шаҳри Душанбе умуман кор намекунанд.

Ғайр аз ин, солҳои 90-ум, ки он вақт аз барҳамхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ касе гумон надошт, қариб тамоми дегхонаҳои гармидиҳии маркази вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, корхонаҳои калони саноатӣ, соҳаи тандурустӣ ва соҳаи маорифро аз ангиштсанг ба гази табиӣ гардонида буданд. Ҳоло ягонтои онҳо кор намекунад. Бинобар ин, ҳоло тамоми хонаҳои истиқоматӣ, идораҳо, беморхонаҳо, мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ ва ғайра дар мавсими тирамоҳу зимистон тавассути неруи барқ гарм карда мешавад.

Пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ширкатҳои энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба шакли хоҷагидории бозоргонӣ гузаштанд. Ҳамкорӣ байни шабакаҳои энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ то соли 1994 давом кард. Аз тирамоҳи соли 1994 шабакаҳои энергетикии ҷумҳуриҳои ҳамсоя, бахусус Ӯзбекистон, аз интиқоли тарафайни неруи барқ даст кашиданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба танзим овардани вазъият чунин чораҳо андешид:

1. Муяссар гардид, ки ба хотири танзими оби обанбори НБО-и «Қайроққум» барои обёрии заминҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, дар фасли зимистон аз шабакаи энергетикии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба шабакаи энергетикии Тоҷикистон 600 млн. кВт-соат неруи барқ интиқол гашта, фасли тобистон (аз сабаби арзиши аслии арзонтари истеҳсоли барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) аз шабакаи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон 900 млн. кВт-соат неруи барқ ба шабакаи энергетикии Ҷумҳурии Ӯзбекистон интиқол гардад.

2. Тибқи супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол дар мавсими тирамоҳу зимистон КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик», аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя то 1 млрд. кВт-соат неруи барқро харидорӣ мекард.

3. Сокинони шаҳри Душанбе ва тамоми шаҳру ноҳияҳое, ки қубурҳои газтаъминкунӣ доштанд, дар фасли зимистон пурра бо гази табиӣ таъмин мешуданд.

4. МБГ-и Душанбе ва дегхонаҳои ғарбӣ ва шарқӣ бо истифода аз гази табиӣ пурра кор мекарданд.

5. Дар ҷумҳурӣ меъёри истифодаи барқ ҷорӣ гардид.

Бо вуҷуди ин ҳама чораҷӯиҳо, то солҳои 2005-2006 сокинони ҷумҳурӣ ду соат саҳар ва се соат бегоҳ бо барқ таъмин буданду халос, ҳатто дар маҳаллаҳои атрофи шаҳри Душанбе, ғайр аз маркази шаҳр, истифодаи неруи барқ маҳдуд мешуд.

Бо назардошти чунин вазъият, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил гаштан ба истиқлолияти энергетикиро аз ҷумлаи ҳадафҳои асосӣ маҳсуб донист.

Бо ин мақсад тибқи супориши Президенти Тоҷикистон хати интиқоли барқии 500-киловаттаи (ЛЭП -500кВ) ҷануб ва шимоли Тоҷикистон якуним сол пеш аз мӯҳлат ба истифода дода шуд.

Сокинони ҷумҳурӣ хеле хуб дар ёд доранд, ки 29 ноябри соли 2009 бо иштироки бевоситаи Президенти мамлакат хатҳои интиқолдиҳандаи барқи ҷануби Тоҷикистон бо шабакаи энергетикии шимоли Тоҷикистон пайваст шуд. Ин воқеаи таърихиро мардуми вилояти Суғд чун бахти баланди хеш арзёбӣ менамоянд, зеро пас аз як рӯзи пайвастшавии шабакаҳои энергетикии ҷанубу шимоли Тоҷикистон, аз 1 декабри соли 2009 шабакаи энергетикии Ӯзбекистон аз шабакаи энергетикии Осиёи Марказӣ ҷудо шуд.

Аз сабаби он ки Тоҷикистон ба воситаи хатҳои интиқоли шабакаи энергетикии Ӯзбекистон бо шабакаи энергетикии Осиёи Марказӣ пайваст буд, шабакаи энергетикии Осиёи Марказӣ ҷудо шуда, танҳо монд. Ғайр аз ин, 90 фоиз неруи барқро вилояти Суғд дар шимоли ҷумҳурӣ аз низоми энергетикии Ҷумҳурии Ӯзбекистон мегирифт. Дар навбати худ системаи шабакаи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин миқдор неруи барқро дар ҷануб ба шабакаи энергетикии Ӯзбекистон интиқол медод. Тасаввур намоед: агар сохтмони хати интиқоли барқи 500 кВ Ҷануб – Шимол кашол меёфт ё пеш аз мӯҳлат мавриди истифода қарор намегирифт, аҳволи мардуми вилояти Суғд ва вазъи иқтисодиву иҷтимоии он чӣ мешуд?

2. Ҷаноби Олӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи дигар гузоштанд: ҳар чӣ зудтар хатҳои интиқоли барқи водии Зарафшон, ки шаҳри Панҷакент, ноҳияҳои Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳро бо неруи барқ таъмин мекард ва ба воситаи хати интиқоли барқи 220 кВ (ЛЭП-220кВ) зеристгоҳи «Сари Бозор» низоми (Самарқанд)-зеристгоҳи Рӯдакӣ (Панҷакент), яъне аз шабакаи энергетикии Ӯзбекистон барқ мегирифтанд, ба шабакаи ягонаи энергетикии Тоҷикистон пайваст намоянд. Дар асоси супориши Сарвари давлат сохтмони хати интиқоли барқи 220 кВ (ЛЭП – 220кВ) Ғончӣ – Айнӣ шурӯъ шуд, лекин он мавриди истифода қарор нагирифта, (сохтмони он ба итмом нарасида) Ҷумҳурии Ӯзбекистон хати интиқоли барқи 220 кВ ЗИ «Сари Бозор» - ЗИ «Рӯдакӣ» ро низ аз ҳам ҷудо намуд. Бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ШСХК «Барқи Тоҷик» хатҳои интиқоли барқи 110 кВ «Майхура – Айнӣ»- ро муваққатан пайваст намуд, то ин ки сокинони водии Зарафшон дар торикӣ намонанд.

Хушбахтона, соли гузашта дар арафаи ҷашни бузурги 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон хати интиқоли барқи 220 кВ Ғончӣ – Айнӣ ба истифода дода шуд, ки ин боз як қадами устувор ба сӯйи истиқлолияти энергетикӣ буд.

Ҳоло мехоҳам ба масъалаи таъмини имрӯзаи аҳолӣ бо неруи барқ дар фасли зимистон нигарем. Мардуми Тоҷикистон ба ин вазъ бояд бо назари ҳақ нигаранд, ҳарчанд ки:

- бо сабаби аз шабакаи энергетикии Осиёи Марказӣ ҷудо шудани шабакаи энергетикии Тоҷикистон, имрӯз мо наметавонем ягон кВт-соат неруи барқро аз берун харидорӣ намоем. Яъне, як млрд. кВт-соат неруи барқе, ки КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷикистон» харидорӣ мекард ва 600 млн. кВт-соат неруи барқе, ки дар фасли зимистон аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ворид мегашт, дигар ба шабакаи энергетикии Тоҷикистон интиқол намегардад;

- шаҳри Душанбе ва тамоми дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки дар фасли зимистон бо гази табиӣ таъмин буданд, ягон кубометр ҳам гази табиӣ намегиранд;

- Маркази барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе, Маркази барқу гармидиҳии «Ёвон» ва марказҳои гармидиҳии ғарбӣ ва шарқии шаҳри Душанбе кор намекунанд;

- аҳолии ҷумҳурӣ ҳар сол 2-2,5 фоиз зиёд шудаистодааст;

- дар даҳ соли охир ҳазорҳо гектар замин ба аҳолӣ ҳамчун замини наздиҳавлигӣ тақсим шуда, даҳҳо деҳаҳои нав бунёд ва бо неруи барқ таъминанд;

- ҳар сол даҳҳо корхонаҳои саноатии хурду миёна, садҳо тарабхонаву меҳмонхонаҳо ва иншооти дигар сохта ба истифода дода, бо неруи барқ таъмин мебошанд.

Шукрона, ки қатъи назар аз ҳамаи ин мушкилоти номбаршуда, солҳои охир таъминоти неруи барқ хеле хуб шуда, аҳолии тамоми шаҳру ноҳияҳо то 15 соат дар як шабонарӯз бо барқ таъмин буда, маркази вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва шаҳри Душанбе бе меъёр барқ истифода менамоянд.

Барои чӣ вазъият хело хуб шудааст?

1. Бо саъю кӯшиш ва дурандешии Ҷаноби Олӣ дар байни тамоми давлатҳои дунё, мо яке аз аввалинҳо шуда, ба истифодаи лампаҳои каммасраф гузаштем. Дар натиҷа, дар як сол зиёда аз 1,5 млрд. кВт.-соат неруи барқ сарфа мешавад.

2. Бо сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат ва ҳамкории судманд бо Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Исломии Эрон НБО-и «Сангтӯда – 1» пурра ва агрегати якуми НБО-и «Сангтӯда -2» мавриди истифода қарор гирифта, дар ин неругоҳҳо, ки танҳо дар мавсими тирамоҳу зимистон зиёда аз як млрд. кВт-соат неруи барқ истеҳсол мешавад.

3. Зиёда аз 200 НБО-ҳои хурд сохта ба истифода дода шуд.

Тавре дар Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардид, бо вуҷуди чораҷӯиҳои зиёд аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло ҳам камчинии неруи барқ дар ҷумҳурӣ 3-4 млрд. кВт-соатро ташкил медиҳад ва барои пурра ба истиқлолияти энергетикӣ ноил шудан, мавриди истифода қарор гирифтани НБО-и «Роғун» зарур аст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ сиёсати сарфаҷӯӣ ва самаранок истифода бурдани энергия ва кам кардани талафоти онро яке аз омилҳои ноилшавӣ ба истиқлолияти энергетикӣ номиданд.

Баъди ба истифодаи лампаҳои каммасраф гузаштан мардуми Тоҷикистон хуб дарк намуданд, ки онҳо на танҳо ба самаранок истифода бурдани неруи барқ ноил гаштанд, балки бо ин ба хазинаи оилаҳои худ аз нигоҳи иқтисодӣ фоиданок истифода бурдани неруи барқ, манфиати пулӣ низ оварданд.

Бинобар ин, мо бояд ба аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаҳмондадиҳии сарфаҷӯёна ва самаранок истифода бурдани неруи барқ ташвиқу тарғиботро пурзӯр намоем, зеро дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 Президенти кишвар чунин иброз доштанд: «Ҳоло барои такмил додани қонунгузорӣ доир ба сарфаҷӯии неру андешидани чораҳои дахлдор идома дорад ва зарур аст, ки минбаъд низ ҳар як шаҳрванди мамлакат дар истифодаи сарфакоронаи неруи барқ саҳмгузор бошад».

Дар асоси дастуру супоришҳои Президенти мамлакат, аз тарафи ду нафар узви Маҷлиси миллӣ ва се нафар вакили Маҷлиси намояндагон, лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия» таҳия ва барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод шуда буд. Ҳоло лоиҳаи қонуни мазкур аз тарафи Шӯрои Маҷлиси намояндагон дар асоси эроду таклифҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муаллифон баргардонида шудааст. Боварӣ дорем, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия» бо назардошти таклифу пешниҳодҳои кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуда, то охири соли 2012 дар Маҷлиси намояндагон баррасӣ ва қабул гардида, барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ хизмат хоҳад кард.

Ноилшавӣ ба истиқлолияти энергетикӣ аз кам кардани талафоти неруи барқ низ вобаста мебошад.

Умуман, талафоти неруи барқро ба ду намуд ҷудо мекунанд.

1. Талафот дар хатҳои интиқоли барқ, ки ин намуди талафот, талафоти таҷҳизотҳои барқиро низ дар бар мегирад.

2. Талафоти тиҷоратӣ бошад, дуздӣ ё ғорати неруи барқро дар бар мегирад.

Намуди якуми талафот, албатта, аз ҳолати хатҳои барқӣ ва таҷҳизоти барқӣ (трансформаторҳо ва ғайра), мувофиқатии онҳо бо шиддати неруи барқ, сарбории неруи барқ вобаста аст. Буриши кӯндалангии (ғафсии) симҳои интиқоли барқ аз шиддати неруи барқ вобаста мебошад. Ҳар чӣ қадар шиддати барқ зиёд бошад, вобаста ба он буриши кундалангии симҳои интиқоли неруи барқ зиёд мешавад.

Барои трансформаторҳо ҳам шиддати неруи барқ ва ҳам тавоноии он ба ҳисоб гирифта мешавад. Симҳои интиқоли барқ ва таҷҳизоти барқӣ низ ба монанди дигар мошинҳо, мӯҳлати хизмат доранд ва дар натиҷаи истифодабарӣ фарсуда мешаванд. Ҳамон тавре, ки равғани автомашинаро баъди тай намудани масофаи муайян иваз менамоянд, равғани трансформатор ва калидакҳои (выключатель) баландшиддати равғандорро низ дар мӯҳлати муайяннамудаи қоидаҳои истифодабарии неруи барқ, иваз мекунанд.

Ҳар қадар хатҳои интиқоли неруи барқ ва таҷҳизоти барқӣ аз мӯҳлати хизматиашон зиёд кор карда, фарсуда шаванд, дар истифодаи онҳо талафоти неруи барқ аз меъёр зиёд мешавад.

Ин ҷо бояд зикр намуд, ки барои кам кардани ин намуди талафот солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣ меандешад. Бо маблағҳои грантӣ азнавсозии зеристгоҳҳои 500кВ ва 220 кВ-и НБО-и «Норак», ки зиёда аз 40 сол мавриди истифода қарор доранд, сохта ба истифода супоридани хатҳои интиқоли барқии 220 кВ, 110 кВ ва 35 кВ дар дохили ҷумҳурӣ, иваз намудани трансформаторҳои шабакаҳои энергетикии шаҳри Душанбе ба трансформаторҳои тавоноияшон аз рӯйи сарборӣ (нагрузка) баландтар ва ғайра исботи ин гуфтаҳо мебошанд.

Талафоти тиҷоратӣ бошад, ин рӯирост ғорат намудан ё дуздии неруи барқ мебошад. Мафҳуми «талафоти тиҷоратӣ»-и неруи барқ, дар ҳама солу замон ва дар ҳама давлатҳои дунё вуҷуд дорад, зеро ин мушкилот дар тамоми дунё ҳаст. Албатта, он аз рӯйи рушди иқтисодиёти ҳар давлат вобаста аст. Ҳоло давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон, бахусус давлатҳои Аврупо, бо истифода аз технологияҳои пешқадами соҳаи энергетика талафоти умумии неруи барқро то ба 8-10 фоиз паст карда, талафоти тиҷоратиро бошад, ба сифр (0) наздик кардаанд. Агар дар шабакаи энергетикии Тоҷикистон талафоти умумии неруи барқ ба ҳисоби миёна 17 фоизро ташкил диҳад, ин нишондиҳанда дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон зиёда аз 24 фоиз, Ҷумҳурии Қирғизистон зиёда аз 30 фоиз ва ҳатто дар баъзе вилоятҳои Федератсияи Россия зиёда аз 18 фоизро ташкил медиҳад. Албатта, ин ҷо бояд рӯирост иқрор шавем, ки аз 17 фоиз талафоти умумии шабакаи энергетикии Тоҷикистон на кам аз 5-6 фоизашро талафоти тиҷоратӣ дар бар мегирад.

Сабаби зиёд шудани фоизи талафоти тиҷоратӣ, ин хусусӣ гаштани тарабхонаҳо, ошхонаҳо, меҳмонхонаҳо ва албатта корхонаҳои калон ва хурду миёна мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки аксар вақт ин гуна ҳаракатҳои ношоиста бо иштироки баъзе кормандони бемасъулияти соҳа амалӣ мегардад ва тааҷҷубовар он аст, ки чӣ дар байни аҳолӣ ва чӣ корхонаҳову ташкилотҳои тиҷоратӣ, шахсоне ба ин кор даст мезананд, ки имконияти васеи пардохти маблағи неруи барқро доранд, яъне шахсони доро мебошанд…

Барои кам кардан ва умуман аз байн бурдани талафоти тиҷоратӣ ба технологияҳои нави таъминоти барқӣ ва ҳисобкунакҳои ҳозиразамони электрикӣ гузаштан лозим аст, гарчанде амалӣ гардонидани ин корҳо маблағгузории хеле калонро талаб менамояд, Ҳоло дар асоси барномаи қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳисобкунакҳои электронии ҳозиразамон гузаштани муштариёни шаҳри Душанбе аз ҳисоби гранти (маблағгузории) хориҷӣ дар арафаи анҷомёбист. Ин барнома оянда дар шаҳри Хуҷанд ва дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ амалӣ хоҳад гашт, ки ин низ қадаме ба сӯйи амнияти энергетикӣ мебошад.

Баробар бо сохта ба истифода додани НБО-и «Роғун» дар ҳолати хуби корӣ нигоҳ доштани шабакаи энергетикии Тоҷикистон як гарави ноил омадан ба амнияти энергетикӣ мебошад.

Ҳолати коршоямии шабакаи энергетикӣ гарави амнияти энергетикӣ буда, аз ҷамъоварии маблағи неруи барқи истифодашуда низ вобаста аст.

Аз рӯйи маълумоти пешакӣ, ҳоло истеъмолкунандагон дар назди ШСХК «Барқи Тоҷик» 747 млн.сомонӣ қарздор буда, аз он 185 млн.сомониро қарзи соҳаи хоҷагии об ташкил медиҳад. Агар солҳои охирро ба ҳисоб гирем, нархи неруи барқ барои пойгоҳҳои обкашӣ тағйир наёфтааст, яъне баланд нашудааст, аммо нархи тамоми меваю сабзавот ва дигар зироати кишоварзӣ , ки бе об ҳосил гирифтан аз имкон берун аст, якчанд маротиба баланд шудааст, бо вуҷуди ин, боз ҳам маблағи неруи барқи дар пойгоҳҳои обкашӣ масрафшуда ҷуброн намешавад. Ин, албатта, ба дигар муштариёни (истеъмолкунандагони) неруи барқ низ тааллуқ дорад. Бояд фаромӯш накунем, ки ҳолати имрӯза ва фардои шабакаи энергетикӣ аз маблағгузории соҳа вобаста аст. Бинобар қарзҳои зиёди дебиторӣ, вазъияти кунунии системаи энергетикӣ на он қадар қаноатбахш мебошад.

Бо назардошти норасоии неруи барқ ва рушди бомайлони иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавре Президенти мамлакат дар Паёми навбатии худ 20 апрели соли ҷорӣ иброз доштанд, барои ба истиқлолияти энергетикӣ ноил гаштан қариб 4 млрд. кВт-соат неруи барқ намерасад. Танҳо ду агрегати НБО-и Роғун ин миқдор нерӯи барқро истеҳсол менамояд. Умуман, НБО-и «Роғун» аз 6 агрегат иборат буда, дар як сол зиёд аз 13 млрд. кВт. -соат неруи барқ истеҳсол мешавад. Яъне, НБО-и «Роғун» ин на танҳо расидан ба амнияти энергетикӣ, балки ояндаи шукуфони Ватани маҳбубамон, миллати тоҷик, халқи Тоҷикистон ва фарзандони мову шумо мебошад.

***Шакарбек САМАДОВ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ***

●Баъд аз мутолиаи Паём

# ДАВРАИ МАСЪУЛИЯТНОК: СИФАТИ ИСЛОҲОТ ПЕШОРӮЙИ МО ҚАРОР ДОРАД



**Дар Паёми имсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои муҳими соҳаи маориф, ки дар амал татбиқ кардани он кори ҳамарӯзаи мо мебошад, мушаххас ва ҳамаҷониба баён гардидааст. Дар ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз паҳлуҳои гуногуни роҳҳои инкишофи ин соҳа, ки ба се ҳалқаи узви ҷомеа- оила, мактаб ва ҷамъият сахт вобаста аст, бо ғамхории беандоза баён гардид. Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуриддин Саидов фикру андешаҳо ва нақшаҳои ояндаро перомуни Паёми имсола зимни сӯҳбати ихтисосӣ бо рӯзномагорон Сулаймон ЭРМАТОВ ва Тиллои НЕКҚАДАМ хеле муфассал изҳор намуд. Онро пешкаши хонандагони рӯзномаи «Садои мардум» мегардонем.**

***-Нуриддин Саидович, дар Паёми Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф ҳамчун риштаи асосии сиёсати иҷтимоии давлат эътироф гардид. Хоҳишмандем дар бораи мазмун ва моҳияти ин дастур ва супоришҳое, ки ба беҳтар намудани фаъолияти соҳаи маориф ва таълиму тарбия нигаронида шудааст, фикру андешаҳоятонро баён намоед.***

- Бояд гӯям, ки пешрафти соҳаи маориф самараи сиёсати оқилонаи Ҷаноби Олӣ ва саъю кӯшишҳои бевоситаи он кас ҳамчун Сарвари давлат мебошад. Танҳо дар ду соли сипаригардида беш аз ду баробар зиёд шудани музди меҳнати кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумиву томактабӣ маҳз аз таваҷҷуҳ ва эътибори пайваста гувоҳӣ медиҳад. Вазорати маориф дар иртибот ба дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба соҳаи маориф, ки аз Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, тадбирҳои саривақтӣ андешида, барои татбиқи ин супоришҳо таваҷҷуҳи хоса ва доимӣ зоҳир намуд. Паёми Ҷаноби Олӣ, ки дар он масъалаҳои соҳаи маориф ҳаматарафа таҳлил гардиданд, ба рушди ин соҳа ҳусни тоза бахшид, чеҳраи онро равшантар гардонид ва дар наздамон вазифаҳои навбатӣ гузошт. Вазорати маориф дар ин Паёми тақдирсоз, ки рушди соҳаи маориф яке аз рукнҳои муҳими рушди ҷомеа зикр шудааст, нақшаю чорабиниҳо тартиб дод.

Бо мақсади фаҳмондадиҳии мақсад ва моҳияти Паёми имсола ба омӯзгорон, хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ тавсияномаҳо тартиб дода, дастраси раёсату шӯъбаҳои маорифи вилоят, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва муассисаҳои соҳаи маориф гардонида шуд. Ҳар як омӯзгор ва шахси маърифатпеша мӯҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми сӯҳбат бо таълимгирандагон талқину тарғиб намуда, моҳияти онро шарҳ доданд ва минбаъд ҳам атрофи паҳлуҳои он сӯҳбат менамоянд.

***-Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти соҳаи маориф ошкоро баён гардид. Вазорати маориф оид ба бартараф намудани он эроду камбудиҳо ва дастурҳои Ҷаноби Олӣ чӣ тадбирҳоро амалӣ карданӣ аст?***

-Эродҳои Президенти кишвар воқеан ҳам дурустанд. Сатҳи сифати дониши хонандагону донишҷӯёни баъзе муассисаҳои таълимии мо то ҳол ҷавобгӯйи стандартҳои давлатӣ ва меъёрҳои муайянкунандаи сатҳу сифати дониши таълимгирандагон нест. Ҳанӯз ҳам дар раванди таълиму тарбия ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки нигаронкунандаанд. Иҷро нашудани талаботи нақ-шаю барномаҳои таълимӣ, масъулиятшиносона ба касби пурифтихори худ муносибат накардани баъзе омӯзгорон, ба таълиму тарбия, мутолиаву китобхона ва муассисаи таълимӣ ҷалб карда натавонистани таълимгирандагони ҳамаи зинаҳои таълимӣ- омилҳое мебошанд, ки, албатта, ба сифати таълим ва сатҳи дониши шогирдон бе таъсир намемонад.

Сабаб чист, ки шогирдони мо дар давоми 11 сол 9568 соат дарс мехонанд, вале баъзе онҳо дар навиштани як баёнот ва ё ариза мушкилӣ мекашанд, қисме ҳатто чор амали математикиро намедонанд, бо забони русӣ ҳарф зада наметавонанд. Мо бояд монеаҳои мавҷударо дар роҳи кашфи муаммоҳои педагогиву равонӣ, фарқияти мактаббачагони тоҷик аз мактаббачаҳои кишварҳои дигар бартараф карда тавонем. Мо то имрӯз давраи аввали ислоҳотро паси сар кардем: сохтмону таъмири мактабҳо, компютеркунонӣ, омода кардану таъмини муассисаҳои таълимӣ бо мутахассисон. Давраи аз ҳама масъулиятнок имрӯз пешорӯйи мо қарор дорад: беҳтар гардонидани мазмуни фаъолият дар соҳа, баланд бардоштани сифати соҳа-яъне, давраи сифати ислоҳот, ки дарозмуддат аст, акнун оғоз ёфт.

Дар мушовараи Вазорати маориф ин масъала ҷиддӣ муҳокима гардид. Ба нақшаҳои таълимӣ соатҳои иловагӣ дохил карда шуд. Масъулияти омӯзгорони фаннӣ пурзӯр ва аз болои сифати таълим назорат баланд шуд. Бо мақсади ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯй будани китобҳои дарсӣ дар назди вазорат гурӯҳи коршиносон ташкил шуд ва масъулияти онҳоро зиёд намудем. Ин гурӯҳ бояд тамоми мазмуну мӯҳтавои таълимиро тавассути китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ аз забони тоҷикӣ ба дигар забонҳо баргардонанд. Дастхатҳое, ки бо забони тоҷикӣ ва ғайритоҷикӣ навишта шудааст, назорат карда мешаванд.

Дар ҳайати ходимони идораи аттестатсионӣ низ дигаргунӣ ба вуҷуд омад. Онҳо фаъолияти омӯзгоронро месанҷанд, ба омӯзгорони ҷавон ёрии методӣ мерасонанд. Кори хаттӣ ва шифоҳии хонандагонро санҷидан, саводнокии онҳоро аз назар гузаронидан низ ба зиммаи ҳамин комиссия гузошта шудааст.

Муассисаҳои томактабӣ дар тарбия ва омода намудани кӯдакон ба мактаб нақши калон мебозанд. Вале, бубинед, ки дар кишварҳои дигар, масалан, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон 23 фоиз, дар Федератсияи Россия 68 ва дар Ҷумҳурии Белорус 100 фоизи кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ фаро гирифта шудаанд. Дар ҷумҳурии мо бошад, ҳамагӣ 7 фоиз. Бояд роҳи ҳалли масъаларо муайян намоем. Дар ин замина Вазорати маориф ислоҳоти соҳаро аз зинаи аввали таълиму тарбия оғоз карда, барои рушди он ва дуруст ба роҳ мондани фаъолияти ин муассисаҳо, пеш аз ҳама заминаҳои меъёрии ҳуқуқиро омода намуд. Омода ва қабули дастурамалу нақшаҳо ва бори нахуст дар таърихи маорифи ҷумҳурӣ таҳияи Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тасдиқи он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастовардҳои муҳими соҳаи томактабӣ ба шумор рафта, қабули санади мазкур барои рушди муассисаҳои томактабӣ рӯҳи тоза бахшид. Масъалаи коргузорию ҳуҷҷатдорӣ, назорати дохилии кӯдакистонҳо ба роҳ монда шуд. Давра ба давра татбиқ шудани Барномаи давлатӣ нишон дод, ки сифати таълиму тарбия, заминаҳои ҳуқуқӣ, моддию техникӣ, пояи кадрӣ ва дар маҷмӯъ, вазъи муассисаҳои томактабӣ беҳтар гардида, баргардонидани биноҳои муассисаҳои томактабӣ, ки қаблан бо сабабҳои гуногун ба ташкилоту корхонаҳои дигар дода шудааст, оғоз ёфт. Аз ҷумла бинои муассисаи томактабии № 157-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, ки дар заминаи он гимназияи хусусии «Ҳилол» фаъолият дошт, ба соҳа баргардонида шуд, вале ҳоло ҳам ғайриқонунӣ фурӯхтан, хусусӣ гардонидан, худсарона азхудкунӣ, ба дигар сохтору ташкилотҳо ва шаҳрвандони алоҳида, ба иҷора додани бинои муассисаҳои томактабӣ мушоҳида мешавад. Вазорат ба баргардонидани як қисми онҳо муваффақ гашт. Биноҳои томактабие, ки бо сабабҳои маълум ва номаълум хароб гашта буд, аз нав таъмир шуданд. Теъдоди марказҳои инкишофи кӯдакон бештар ва дар онҳо кӯдакони синни томактабӣ дар ду баст фаро гирифта шуданд. Чуноне дар Паём зикр шуд, ташкили марказҳои мазкур камхарҷ буда, ба шароити кунунии ҷумҳурии мо мусоид мебошад. То имрӯз дар ҷумҳурӣ 338 маркази инкишофи кӯдакон фаъолият дорад. Зикр кардан зарур аст, ки дар муддати як сол 6955 нафар кӯдакон дар марказҳо ба таълиму тарбия фаро гирифта шуданд. Ба марказҳои таълимӣ калонсолон низ ҷалб мешаванд.

Яке аз масъалаҳои муҳими ислоҳоти маориф дарёфти бачаҳои лаёқатманд ва омода намудани шароити таълиму тарбия барои ин гурӯҳи хонандагон мебошад. Хушбахтона, бо ташаббус ва дастгирии Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сол то сол дар самти дастгирии бачаҳои лаёқатманд ва омода намудани шароити таълимӣ ба онҳо, таъсиси мактабҳои намунавӣ зиёд шуда истодааст. Соли 2011 теъдоди онҳо сето: дуто дар вилояти Хатлон ва якто дар ВМКБ зиёд гардид. Моҳи сентябри соли равон бошад, гимназияи президентии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бачаҳои болаёқат дар шаҳри Душанбе дари худро боз мекунад, ки ин боз аз як иқдоми наҷибонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дарак медиҳад.

***- Вазири мӯҳтарам, вазъи омӯзиши забони давлатӣ, забонҳои русӣ ва англисӣ дар кадом ҳолат қарор дорад?***

- Ҷаноби Олӣ дар ҳар суханрониашон дар ин бора ҳарф мезананд. Таъкид мекунанд, ки ҳар як фарди Тоҷикистон бояд забони давлатиро хуб донад. Ин таъкид риоя ва иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аст. Таъкиди хеле бамаврид, дар Тоҷикистон зиндагӣ карда, забони давлатиро надонистан, бузургтарин гуноҳ аст. Донистани забони давлатӣ амри замон аст. Омӯхтани он ҳеҷ гоҳ омӯхтани забони дигар халқҳоро инкор намекунад. Баръакс, онро мукаммал карда, рӯҳи тоза мебахшад. Донистани забони давлатиро ҳамчун эҳтирому эътиқод ба давлат, ифодаи муҳаббат ба Ватан арзёбӣ кардан зарур аст.

Айни замон дар мактабҳои ғайритоҷикии кишварамон аз синфи 2 то синфи 11 китобҳои дарсии забони давлатӣ омода ва дастрас шудаанд. Таваҷҷуҳ ба омӯхтани забони давлатӣ сол аз сол зиёд мешавад, ки ин талаби замон аст.

Пӯшида нест, ки дар синфҳои тоҷикӣ фарзандони дигар халқҳо низ бо хоҳиши падару модарашон хонда истодаанд, зеро ба кадом забон хондан ихтиёрӣ буда, хоҳиши онҳоро рад кардан аз инсоф нест.

***- Сарвари давлат ҳангоми ироаи Паёми имсола ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ эътибори махсус дод. Вазорати маориф дар ин самт чӣ корҳоро анҷом медиҳад?***

-Чуноне Президенти мӯҳтарам дар Паёми имсола зикр карданд, имрӯз соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар тамоми ҷаҳон яке аз зинаҳои асосӣ ва афзалиятнок ба шумор меравад. Маҳз ба воситаи ин муассисаҳо мо метавонем, мутахассисони соҳаҳои гуногунро омода созем, талаботи бозори меҳнатии имрӯзаро қонеъ гардонем. Мутаассифона, фаъолияти низоми мазкур, омода намудани кадрҳои коргарӣ, ки ба талаботи бозори меҳнати ватанӣ ва ҷаҳонӣ ҷавобгӯй бошад, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Бинобар ин, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон назди худ вазифа гузошт, ки барои васеъ намудани шабакаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ чораҳои зарурӣ андешад. Вазъи имрӯзаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро ҳаматарафа омӯхта, пешниҳоди худро ба Ҳукумат манзур намояд. Вазорат назди худ вазифа гузошт, ки то соли 2020 шумораи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро ба 200 адад расонад.

Дар ҳақиқат, дар замони илму техника касб омӯхтани ҷавонон басо зарур аст. Ҷавонони беҳунар дар ҳама ҷо ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ барои татбиқи тарзи модулии таҳсилот ба як қатор дастовардҳо ноил гардид. Айни ҳол оид ба фанҳои тахассусии зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ 82 номгӯйи модули таълимӣ аз чоп бароварда шуда, 32 адади дигар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дорад. Барои пурра таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ бо модулҳои таълимӣ аз рӯйи тахассусҳои омӯхташаванда таҳияи 105 номгӯйи дигар зарур аст. Таҳия ва барои баррасӣ пешниҳод намудани модулҳои таълимӣ ба зиммаи директорони муассисаҳои таълимӣ вогузор мебошад. Фаъолияти хуби омӯзишгоҳҳо ва литсейҳои касбии шаҳри Душанбе оид ба таҳияи модулҳои таълимӣ қобили зикр аст. Қариб 90 фоизи модулҳои таълимиро муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии шаҳри Душанбе таҳия намудаанд.

Санҷишҳо нишон дод, ки дар ҳалли масъалаи мазкур муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии вилоятҳои Суғду Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ хунукназарона муносибат намуда, модулҳои таълимии босифат пешниҳод карда натавонистанд. Ҳатто дар самти харидорӣ намудани модулҳои тайёр баъзе директорони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, аз он ҷумла Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №9-и шаҳри Қӯрғонтеппа, № 22-и шаҳри Кӯлоб, № 46-и ноҳияи Қубодиён, № 54-и ноҳияи Нуробод, №4-и шаҳри Ваҳдат, №1 ва № 3-и шаҳри Душанбе бемасъулиятӣ зоҳир намуданд.

Мушкилоти дигари ҳалталаб дар самти таҳсилоти ибтидоии касбӣ, чун дар дигар зинаҳои таълим, паст будани сифати дониши хонандагон аст. Махсусан, дараҷаи дониши хонандагон аз фанҳои техникӣ ва тахассусӣ, иштироки онҳо дар маҳфилу чорабиниҳои инноватсионӣ беҳбудии ҷиддиро тақозо менамояд. Шумораи компютерҳо ва таҷҳизонидани синф-ҳои компютерӣ, сатҳи дониши хонандагон аз фанни технологияи информатсионӣ, пайвастшавӣ ба шабакаи Интернет ва таъмини муассисаҳои таълимӣ бо техникаи муосир ҳоло ҳам ба талаби рӯз ҷавобгӯй нест. Аксарияти компютерҳои мавҷуда корношоям буда, на ҳама муассисаҳои таълимӣ ба шабакаи Интернет пайваст шудаанд ва почтаи электронии худро доранд. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо таъмини муассисаҳои таълимии ибтидоии касбӣ бо техникаҳои наву замонавӣ, истифодаи тарзу усулҳои инноватсионии таълим ва омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта тавассути Интернет басо зарур аст ва вазорат ба ин масъала муносибати ҷиддӣ зоҳир менамояд.

***-Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсола зикр карданд, ки компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба талабот ҷавобгӯ нест. Масъала гузошта шуд, ки компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ соли оянда пурра ҳалли худро ёбад. Вазъият дар ин соҳа чӣ тавр аст?***

-Ҷаноби Олӣ барҳақ зикр карданд, зеро рӯй овардан ба технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва татбиқи ҳар чӣ васеи онҳо дар ҷомеа яке аз ниёзмандиҳои замони ҷаҳонишавӣ мебошад. Аз ин рӯ, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ аҳамияти хоса медиҳад ва тибқи «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ», ки онро Ҳукумати ҷумҳурӣ ба наздикӣ қабул намуд, амал карда, дар татбиқи саривақтии Консепсияи мазкур тарбия ва омода намудани кадрҳои баландихтисос дар ҳама зинаҳои таҳсилот чораҳои ҷиддӣ меандешад.

Айни замон муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ бо 34327 адад компютер ва 5500 адад принтер таъмин гардидаанд. Муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ боз ба 12393 адад компютер эҳтиёҷ доранд. Мувофиқи талаботи «Барномаи таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» бояд ба 15 нафар хонанда як адад компютер рост ояд. Ҳоло ба 19 нафар хонанда як компютер рост меояд. Иҷрои барномаи компютеркунонӣ дар ҳама ҷо як хел нест. Дар шаҳри Ваҳдат то имрӯз ба масъалаи компютеркунонӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир накардаанд. То имрӯз муассисаҳои таълимии шаҳри Ваҳдат бо 728 адад компютер ва 77 адад принтер таъмин шуда, иҷрои барнома 53 фоизро ташкил медиҳад. Рафти компютеркунонии муассисаҳои таълимии ноҳияи Рӯдакӣ низ дар сатҳи паст қарор дорад ва дар машварати назди вазири маориф барои ислоҳ намудани ин масъала супориши қатъӣ дода шуд.

Дар доираи барномаи мазкур то имрӯз нусхаи 171 номгӯйи китобҳои дарсӣ ба шакли электронӣ гардонида шуд. Айни замон 595 мактаби таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ ба шабакаи Интернет пайваст буда, мувофиқи нақша 505 мактаби дигар ба ин шабака пайваст мешаванд. Дар вилояти Суғд 237 ва вилояти Хатлон 140 муассисаи таълимӣ ба шабакаи Интернет пайваст шудаанд.

Пайвастшавӣ ба интернет дар муассисаҳои таълимии вилояти Хатлон суст ҷараён дошта, то ҳоло дар ягон муассисаи таълимии ноҳияҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Носири Хусрав, Шӯрообод, Балҷувон хатти Интернет гузаронида нашудааст. Аз ин рӯ, ба сардори Раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ ва директори Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионӣ супориш дода шуд, ки аз натиҷаи он ба ҷаласаи навбатии назди вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон дуруст зикр карданд, ки сатҳи феъли паҳншавии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар миёни хонандагону омӯзгорон ба талаби замон мутобиқ нест. Барои амалӣ шудани ин мақсадҳо ва фароҳам овардани шароити хуби таълимӣ дар муассисаҳои таълимӣ омӯхтани забони русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шуд.

***- Мактабро оташдони таълиму тарбия ва илму маърифат мегӯем. Барои гарм истодани оташдон танҳо ҳарорати қалби омӯзгор кифоя нест. Агар ба он ҳарорати қалби падару модарон ва узви ҳар ҷамъият илова шавад, алангаи оташдон баланд ва равшантар мегардад. Барои ҳамин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул гардид ва қабули он бисёр бамаврид аст. Дар Паёми имсолаи Президент низ дар ин бора таъкид шуд...***

- Дуруст гуфтед. Тавре дар Паём зикр шудааст, яке аз омилҳои асосии ба кирдорҳои номатлуб даст задани ҷавонон сатҳи пасти тарбия дар муҳити оила, мактаб ва ҷомеа ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро ба ҳаёт татбиқ намуда, корҳои фаҳмондадиҳиро дар ҷомеа вусъат мебахшад. Ин қонуни саривақтӣ масъулияти омӯзгор, падару модар, махсусан хизматчиёну мансабдорони давлатиро баҳри хуб тарбия намудани фарзанд баланд мебардорад.

Баъд аз қабули қонуни мазкур падару модарон ба тарбияи фарзандони худ, ба хониши онҳо, ба кори мактаб эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Истифоди хонандагон аз телефонҳои дастӣ, кӯчагардии онҳо то нисфи шаб, тамошои видеокассетаҳое, ки ба тарбияи маънавии мо таъсири манфӣ мерасонад, унсурҳои шаҳвонӣ, зӯроварӣ, экстремистӣ ва террористиро тарғиб мекунанд, барҳам дода шуд. Ба хориҷи кишвар бе розигии хаттии мақомоти ваколатдори давлатӣ ба таҳсил рафтани фарзандоне, ки ба воя нарасидаанд, пешгирӣ гардид. Роҳҳои ҷалби фарзандон барои гирифтани таълим дар таълимгоҳҳои ғайриқонунӣ ё дар назди шахсони алоҳидаи бе иҷозатнома фаъолияткунанда баста шуд. Истифодаи хонандагон аз ҷавоҳирот, зару зевар ва дигар ашёҳои қиматбаҳо, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ навиштан, ифлос намудан ва расонидани зарари моддӣ ва маънавӣ зина ба зина аз байн меравад. Риояи пӯшидани либосҳои расмӣ ба роҳ монда шуд. Ҷалби хонандагон ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, чорабиниҳои барои онҳо тавсиянашуда пешгирӣ гардид. Акнун хониши талабаҳоро, одоби онҳоро танҳо омӯзгорон не, балки падару модарон низ сахт назорат мекунанд. Барои расонидани кӯмаки педагогӣ ва методӣ ба падару модарон дастуру китобҳои методӣ нашр мешаванд. «Рӯзҳои падару модар» ташкил гардид.

***-Дар Паёми имсола таъкид гардид, ки пешгирии ҷинояткорӣ ва қонуншиканӣ дар байни ҷавонон вазифаи асосии соҳаи маориф аст. Дар ин хусус чӣ гуфтанием?***

- Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо идораҳои гуногуни давлативу ғайридавлатӣ нақшаи чорабиниҳои гуногунро ба тасвиб расонида, рейдҳои шабонаву рӯзонаро роҳандозӣ намуда, даҳҳо мактубу фармоишҳои вазири маорифро оид ба пешгирӣ намудани ҷинояткорӣ миёни кӯдакону наврасон таҳия ва дастраси раёсату шӯъбаҳои маориф намудааст. Бо вуҷуди ин содир намудани ҷиноят аз ҷониби ҷавонон, махсусан ноболиғон боиси ташвиш аст. Тибқи ахбори охирини Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли гузашта 383 (соли 2010-456) ҷиноят аз ҷониби кӯдакону наврасон ба қайд гирифта шуда, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 18 фоиз кам шудааст. Вале ин рақам моро хурсанд карда наметавонад. Зиёдшавии ҷинояткорӣ миёни ноболиғон дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба чашм мерасад. Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт чорабиниҳои гуногун гузаронида, масъулияти падару модар, омӯзгоронро пурзӯр менамояд. Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар ин бора роҳи дурустро нишон доданд. Бедор намудани завқи китобхонии ҷавонон, мутолиаи асарҳои ахлоқию таълимӣ, дидактивӣ роҳи халосшавӣ аз ин камбудиҳо мебошад.

***-Сарвари давлат дар Паёмашон бо ахлоқи ҳамида тарбия намудани ҷавононро ҳидоят намуда, ҳамаи инро бо тадбирҳои 20-солагии Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ ва 15- солагии Ваҳдати миллӣ якҷоя ба амал татбиқ карданро зарур ҳисобиданд. Дар ин нукта чӣ ҳикмат аст?***

- Ҳар як сухани Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон худ як ҳикмат аст. Сарвари давлат дуруст зикр карданд. Вақте корҳои таълиму тарбия бо тадбирҳои пешвозгирии 20- солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, 15- солагии Ваҳдати миллӣ якҷоя бурда шавад, самараи дилхоҳ медиҳад. Агар мо дар дили ҷавонон ҳисси ватандориро тарбия намоем, дар қалби онҳо тухми аз дилу ҷон дӯст доштани ватанро корем, ҳиссиёти худшиносиро баланд бардорем, мақсадамон амалӣ мегардад. Зеро дӯст доштани ватан фазилати хуб, ахлоқи ҳамида, нишонаи ору номус аст. Зебоии маънавиёти инсон дар муносибати ӯ ба ватан зоҳир мегардад. Барои ҳамин Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кори тарбия намудани насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ эътибор медиҳад.

Муваффақиятҳое, ки давоми 20 сол ноил гаштем, ба ҳамин Иҷлосияи таърихӣ зич вобаста аст. Аз ин рӯ, аҳамияти ин санаҳои бузург беназир аст. Барои он ки маҳз ба шарофати Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ дар ҷумҳурӣ сохти конститутсионӣ барқарор гашт. Маҳз ҳамин иҷлосия ва Ваҳдати миллӣ эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистони соҳибистиқлолро оғози устувор бахшида, уфуқҳои нав кушод ва заминаи нахустини ҳамдигарфаҳмиву ризоияти миллӣ ва сулҳи тоҷиконро фароҳам овард. Бо шарофати ин ду санаи муҳими таърихӣ хонаи тоҷикон обод ва равшантар гашта, ба рӯзгорашон файзу баракат даромад. Маҳз бо ин ду санаи тақдирсоз аркони давлатдорӣ мустаҳкам гашта, навдаҳои қариб пажмурдаи ҳокимият аз нав сабзид. Насими сулҳу суботи сиёсиву иҷтимоӣ вазида, пояҳои истиқлолияти давлатии кишварро қавӣ гардонида, ба он шаффофият ва рӯҳи тоза бахшид.

Халқи шарафманди тоҷик тавонист баъди ҳазор сол боз қоматашро рост намуда, ба ҷомеаи башарӣ бо асолату ҳувияти миллии худ ворид гашта, дар он мақоми шоиставу сазовори худро пайдо намояд. Ин ду санаи бузург ба мо имконият дод, ки бо калиди ақлу хиради тоҷикона дари аҷдодиро кушоем, ворисони арзандаи гузаштагони некноми хешро сазовор гардем.

Ба ёд оред Тоҷикистони азизамонро, ки нав Истиқлолият ба даст оварда, зери хавф монда буд. Ҷанги бародаркушӣ давом мекард, деҳа ва шаҳрҳо вайрон гашта буданд. Беҳокимиятӣ ҳукмфармо буд. Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Хуҷанди бостонӣ дар чунин вазъияти душвор гузашт. Хушбахтона, ин иҷлосия ба ҷанги хонумонсӯз нуқта гузошта, ҳокимияти қонуниро барқарор намуд. Дар ҳамин иҷлосияи таърихӣ вакилон тақдири Ватанро ба Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон, ки имрӯз сазовори эҳтироми бузурги халқамон гаштааст, бо боварии калон супурданд.

Ҷавонони имрӯзаи мо бояд мазмун ва моҳияти ин иҷлосияи таърихиро дуруст дарк намоянд. Дар муассисаҳои таълимӣ бо ҳиссиёт ва рӯҳияи баланд пешвоз гирифтани ин санаи таърихӣ тайёрии ҷиддӣ мебинанд. Дар маҳалҳо бо иштирокчиёни иҷлосияи таърихӣ вохӯриҳо баргузор мешаванд. Дар ин вохӯрӣ ва сӯҳбатҳо аз дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки баъд аз иҷлосияи таърихӣ ноил гаштааст, ҳикоя намуда, сиёсати оқилонаи Сарвари давлатро фаҳмонида истодаем, зеро аз ҳиссиёти дӯст доштани ватан дида ҳиссиёти бузург нест. Дӯст доштани ватан аз гаҳвора, аз мактаб сар мешавад. Дар Паёми Сардори давлат маҳз бо чунин рӯҳия зистан таъкид шудааст. Ин рӯҳ, ин даъват, ин нияти нек риштаи ҷонии соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Тарбия намудани чунин ҳиссиёти баланд дар дили ҷавонон соҳаи маорифро ба сӯйи куллаҳои нав ҳидоят менамояд, расидан ба манзилҳои нурафшонро муяссар мегардонад.

***-Ташаккур барои суҳбат.***


## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**19 июли соли 2012 музоядаи №3-ро оид ба фурӯши воситаҳои асосии ҶДММ «Корхонаи муштараки Тоҷикистону Америка - «Тоҷам», ки бо ҳалномаи Суди иқтисодии вилояти Суғд барҳам дода шудааст, баргузор менамояд**

| т/р | Номгӯйи амвол | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Воситаҳои асосии ҶДММ «Корхонаи муштараки Тоҷикистону Америка - «Тоҷам» | ш. Исфара | 2000000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-73-74, 221-16-14.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда барои иншоотҳо ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.



## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**19 июля 2012 года проводит аукцион №3 по продаже основных средств ООО «Корхонаи муштараки Тоҷикистону Америка - «Тоҷам», ликвидированного Экономическим судом Согдийской области**

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Основные стредства ООО «Корхонаи муштараки Тоҷикистону Америка - «Тоҷам» | г. Исфара | 2000000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44.

Метод проведения: **английский.** Время проведения **$10^{00}$** часов. Место проведения: **город Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74**, на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyada-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН !

### ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: **Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Микдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1852/1-835 | Маркази тиббии идораи хоҷагии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-95 | сомонӣ | 23000 | 4.07.2012 соати 9[00] |
| 1853/1-836 | Маркази тиббии идораи хоҷагии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Маводи хоҷагидорӣ | номгӯй | 16 | 4.07.2012 соати 9[30] |
| 1854/1-837 | Маркази тиббии идораи хоҷагии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Лавозимоти тиббӣ | номгӯй | 35 | 4.07.2012 соати 10[00] |
| 1855/1-838 | Муассисаи давлатии «Шабакаҳои барқӣ ва зеристгоҳҳо» | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 22 | 16.07.2012 соати 9[00] |
| 1856/1-839 | Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | 1. Таҷҳизоти гази моеъ<br>2. Таҷҳизоти гази моеъ-тамғаи Евро | адад<br>адад | 10<br>1 | 4.07.2012 соати 10[30] |
| 1857/1-840 | Коллеҷи техникии ДТТ ба номи М. Осимӣ | Ҷ. Ятимов 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 14 | 16.07.2012 соати 9[30] |
| 1858/2-546 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Асфалти гарми ҳарораташ 160ОС | тонна | 1000 | 16.07.2012 соати 10[00] |
| 1859/2-547 | Беморхонаи клиникии шаҳрии ёрии таъҷилии тиббии шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 40 | 4.07.2012 соати 10[30] |
| 1860/2-548 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Нон (хлеб) | дона | 30000 | 4.07.2012 соати11[00] |
| 1861/2-549 | Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Ҷорӯби роҳрӯбӣ | адад | 60000 | 16.07.2012 соати 11[30] |
| 1862/3-432 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №11, ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 4.07.2012 соати 13[00] |
| 1863/3-433 | Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таҳвил ва васл намудани системаи баистифодадиҳӣ ва танзимгарӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 16.07.2012 соати 11[50] |
| 1864/3-434 | Раёсати Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ҷории бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 4.07.2012 соати 13[30] |
| 1865/3-435 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҳисор | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири роҳи автомобилгард | тибқи санади нуқсонӣ | | 4.07.2012 соати14[00] |
| 1866/3-436 | Муассисаи давлатии обуҳавошиносӣ | Х. Исмоилов 227-04-75 | Барқароркунии биноҳои хизматӣ, иншооти обченкунӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 4.07.2012 соати 14[30] |
| 1867/3-437 | Иттифоқи композиторони Тоҷикистон | Х. Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино ва истироҳатгоҳ | тибқи санади нуқсонӣ | | 4.07.2012 соати 15[00] |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.






Аз дорухонаҳо пурсон шавед.

**ТАНАКСОЛ плюс - бар зидди (ихроҷ)-и ЛЯМБЛИЙ!**

**40 фоизи кӯдакон ва 10 фоизи калонсолони рӯйи замин ба бемории лямблиоз гирифторанд.**

Ширкати илмию истеҳсолии «БИОЛИТ»-и Федератсияи Россия воситаи нодиреро коркард намудааст бо номи **ТАНАКСОЛ плюс,** ки он аз ҷамъи гиёҳҳои шифобахш тайёр карда шуда, тамоман безарар аст.

**Омилҳои истифодаи ТАНАКСОЛ плюс:**
- ҳангоми бемориҳои паразитӣ ва сироятӣ (лямблиоз, амебиоз, аскаридоз, энтеробиоз) истифода мегардад, ба барқароршавии микрофлораи меъда мусоидат мекунад;
- Воситаи аз ҳама самараноки зидди лямблиоз барои кӯдакон ва калонсолон маҳсуб меёбад. Ҳар шахс барои пешгирии худ ё тифли худ метавонад аз ТАНАКСОЛ плюс то ду-се маротиба ҳар сол истифода барад.

Дар ҳолатҳои вазнин ТАНАКСОЛ плюсро якҷоя бо дигар воситаҳои синтетикии зидди ихроҷ истифода бояд бурд. ТАНАКСОЛ плюс таъсири манфии доруҳои синтетикиро кам мекунад.

**Тарзи истифодабарӣ:** Кӯдакони аз 1-сола 1/6қ., аз 2 то 7-сола 1/3қ., аз 7 то 12-сола 2/3 қ., аз 12-сола ва калонсолон аз 1 то 2 қошуқча рӯзе 3 маротиба, 20-30 дақиқа пас аз хӯрок.

**Давомнокӣ:** аз 7 то 14 рӯз, барои калонсолон то 30 рӯз. Рег № 000678

## Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СУРОҒАИ КОРХОНА: ШАҲРИ ДУШАНБЕ, ХИЁБОНИ РӮДАКӢ 44. ТЕЛЕФОН:221-73-74, ФАКС: 221-49-87**

**Музоядаи англисии №2/1-ро оид ба фурӯши саҳмияҳои ба давлат тааллуқдоштаи ҷамъиятҳои саҳомӣ эълон менамояд**

| т/р | Номи ҷамъиятҳои саҳомӣ | Суроға | Намуди фаъолият | Теъдоди саҳмияҳо дар 1 лот | Теъдоди лотҳо (дона) | Ҳаҷми 1 лот дар сармояи оинномавии ҶС (бо фоиз) | Нархи ибтидоии лот (бо сомонӣ) | Қарзҳои кредитории ҶС (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ҶСК «Тамокубарории Душанбе» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Телман 31 | коркард ва истеҳсоли маҳсулоти тамоку | 1528 | 1 | 100 | 3000000 | 21053595 |
| 2 | ҶСК «Хизматгузор» | шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Шерозӣ 17 | ташкили таъмир ва ташхиси нақлиёти мусофирбар | 31740 | 1 | 100 | 500000 | 23436 |

Музояда 19 июли соли 2012 соати 10[00] дар шаҳри Душанбе бо суроғаи хиёбони Рӯдакӣ 44 баргузор мегардад. Барои иштирок кардан шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ даъват мешаванд. Бақайдгирии иштирокчиён бо суроғаи нишондодашуда дар рӯзи корӣ гузаронида шуда ва як соат пеш аз саршавии музояда ба охир мерасад. Музояда мувофиқи «Низомнома дар бораи тартиби фурӯши иншоотҳои моликияти давлатӣ дар музоядаҳо», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №98 аз 1 марти соли 2004 тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад.

Низомномаро аз Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ ва намояндагиҳои (филиалҳои) дар маҳалҳо воқеъбудаи он харидан мумкин аст. Ҳамаи хоҳишмандон ҳуқуқ доранд дар рӯзҳои корӣ бевосита ба корхонаҳое, ки саҳмияҳояшон барои фурӯш дар музояда гузошта шудааст, рафта, бо фаъолияти молиявию хоҷагии онҳо шинос шаванд.

Барои бақайдгирӣ дар музояда иштирокчиён ҳуҷҷатҳои дар Низомнома нишондодашударо пешниҳод менамоянд ва кафолатпулиро ба миқдори 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот пардохт мекунанд. Кафолатпулӣ тариқи нақдӣ тӯли рӯзҳои корӣ дар суроғаи шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 қабул карда мешавад ва як соат пеш аз саршавии музояда қатъ мегардад.

Пардохти ғайринақдӣ ба суратҳисоби 20202972710600000929, ҳисоби муросилотӣ 20402972413691, БИК 350101369, ИНН 020015226 филиали «Ориёнбонк»-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ қабул карда мешавад ва як рӯз пеш аз оғози музояда қатъ мегардад. Кафолатпулие, ки ғолиб супоридааст, ба нархи хариди лот ҳисоб карда мешавад. Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши саҳмия месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, телефонҳо: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.muzoyada-kvd.tj** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

**Эзоҳ:** КВД оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дуруст будани қарзҳои кредиторӣ кафолат намедиҳад.

## Государственное унитарное предприятие по организации продаж государственного имущества Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан

**РАСПОЛОЖЕННОЕ ПО АДРЕСУ: ГОРОД ДУШАНБЕ, ПР. РУДАКИ 44, ТЕЛЕФОН: 221-73-74, ФАКС: 221-49-87**

**Объявляет английский аукцион № 2/1 по продаже принадлежащих государству акций акционерных обществ (АО)**

| п/н | Наименование акционерного общества | Местонахождение | Вид деятельности | Кол-во акций в 1 лот | Кол-во лотов (штук) | Объем 1 лота в уставном фонде АО (в %) | Стартовая цена лота (в сомони) | Кредиторские задолжности АО (в сомони) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ОАО «Тамокубарории Душанбе» | город Душанбе, улица Телмана 31 | разработка и производство табачного изделия | 1528 | 1 | 100 | 3000000 | 21053595 |
| 2 | ОАО «Хизматгузор» | город Душанбе, улица С. Шерози 17 | ремонт и диагностика пассажирского транспорта | 31740 | 1 | 100 | 500000 | 23436 |

Аукцион состоится 19 июля 2012 года в 10[00] часов в городе Душанбе по адресу: пр. Рудаки 44. Для участия приглашаются физические и юридические лица. Регистрация участников производится по адресу проведения аукциона в рабочее время и заканчивается за час до начала аукциона.

Аукцион проводится в соотвествии с «Положением о порядке продажи объектов государственной собственности на аукционах» утвержденное Постановлением Правительства Республики Таджикистан за №98 от 1 марта 2004 года. Текст положения может быть приобретен желающими у ГУП по организации продаж госимущества и его территориальных филиалах.

Для ознакомления с финансово-хозяйственной деятельностью предприятий акции, которых выставляются на аукцион, все желающие имеют право доступа на предприятие в рабочее время. Для регистрации участников в аукционе необходимо представить документы указанные в Положении и оплатить гарантийный взнос (ГВ) в размере 350 показателей для расчетов за один лот.

ГВ принимается наличными в рабочее время по адресу: город Душанбе, пр. Рудаки 44 и заканчивается за час до начала аукциона. Безналичная оплата производится на расчетный счет 20202972710600000929, к/сч. 20402972413691, БИК 350101369, ИНН 020015226, филиал Ориёбанка района Исмоили Сомони и заканчивается за день до начало аукциона.

ГВ Победителя аукциона засчитывается в счет оплаты цены продажи лот. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продовца комиссионнный сбор в размере пяти процентов и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74**, на сайте Государственного унитарного предприятия по организации продаж государственного имущества **WWW.muzoyada-kvd.tj** и на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW.GKI.TJ**

**Примечание:** ГУП по организации продаж государственного имущества Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан не гарантирует достоверность данных кредиторских задолженностей.

## ПРОСТАДОНТ - таъсирнокиашро вақт исбот кардааст



11 унсури шифобахши табиии он таъсири зиддиилтиҳобӣ ва антисептикии баръало доранд.

**Простатит бемории паҳншудае аст, ки мардони аз 25-сола болоро ташвиш медиҳад. Ширкати илмӣ-таҳқиқотии россиягии «Биолит» фитопрепарати навтаринро бо номи «Простадонт» коркард намуд, ки** дар ҳолатҳои зерин истифода мешавад:
- простатитҳои шадид ва бардавом;
- гипертрофия ва аденомаи ғадуди простата;
- атонияи ғадуди простата дар пасманзари простатити бардавом;
- бемориҳои гурдаҳо ва пешобдон;
- майли ҷинсиро зиёд, боҳро беҳ ва нутфарезии бармаҳалро хеле камтар мекунад;
- диурезро афзоиш медиҳад, тамоми ҷисмро боқувват месозад.

**Простадонт: давои табиии нотакрор бар зидди аденома ва простатити шадид.**

**Истеъмол:** 30 рӯз 1-қошуқчагӣ, 4 бор дар як рӯз бо 100 мл. оби ширгарм,30 дақиқа пеш аз таом

Шакли истеҳсол: 90 г. дурдоначаҳо дар қуттичаи пластикӣ. Нархаш 35-42 сомонӣ.

Рақами қайд 001556. **Тарзи фурӯш:** бе дорухати духтур метавонед харидорӣ намоед.

Аз дорухонаҳо дастрас намоед. **Телефон барои маълумот: ш. Душанбе 985-10-55-05**

## МАРДРО МАРД МЕКУНАД «ПОЛИКАВИН»



Ҳафт сол бо ҳамсари аввалам зиста, фарзанд наёфтем. Ба назди табибу духтурҳои зиёд рафтем. Ҳама мегуфтанд: «Фарзанддор мешавед». Вале рӯзҳо мегузаштанду доруву дармонҳо нафъе намебахшиданд. Оқибат ҳамсарам сари маро паст карда, ба хонаи волидонаш баргашт...

Се сол танҳо гашта, худро табобат намудам. Ба тӯю маъракаҳои ёру дӯстон ҳам рафта наметавонистам. Шарм медоштам. Баъд аз се сол бо духтаре издивоҷ кардам. Вале боз моҳҳо мегузаштанду аз фарзанддоршавиамон нишоне набуд. Боз духтур, боз дорухӯрӣ!

Рӯзе бо яке аз ҳамсинфонам рӯ ба рӯ шудам. Ӯ аз зиндагиам хабар дошт. Чанд рӯз пештар аз Маскав омада будааст. Маро сахт оғӯш карду ба ҷону ҳолам нагузошта, ҷониби хонааш кашид. Баъд аз зиёфат 9 қуттӣ «ПОЛИКАВИН» ном доруро наздам гузошта гуфт: - Ҷӯраҷон, ин доруро махсус барои ту овардам. Бисанҷ!

Ман тӯли се моҳ аз ин дору истеъмол кардам...Ва ХУШБАХТӢ!!! Туф-туф, чашм нарасад! Ҳоло аз ману ҳамсарам хушбахттар касе нест. Мо интизори фарзанд ҳастем. Дар эълоне хондам: «Мардро мард мекунад «ПОЛИКАВИН»». Ин рост аст. «ПОЛИКАВИН» сари маро баланд кард.

***Истеҳсолкунанда- РОССИЯ.***

**Телефонҳо барои маълумот: 985-10-55-05.**

**Вилояти Суғд ва ноҳияҳои он – 98-533-33-17.**

## Тасҳеҳ

Дар эълони КВД оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баргузории Озмуни №12 оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ, ки 9 июли соли 2012 таъин шудааст («Садои мардум» №74-75 (2901-2902) аз 16 июни соли 2012), дар банди 25 масоҳати аз ҳисоби бинои фурудгоҳ ба иҷора супоранда 5,74 $м^2$ хонда шавад.

## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

### БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

### Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияи озмуни хариди **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат** (минбаъд-мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Туғдона 12, телефон: **831-36-2-74-70**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмуни хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешавад, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Предмети харид | Воҳиди ченак | Микдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Шӯъбаи тандурустии шаҳри Ваҳдат | Дастгоҳҳои ташхисӣ-табобатӣ | номгӯй | 7 | 16.07.2012 соати 10[00] |
| 2 | Беморхонаи марказии шаҳри Ваҳдат | Дастгоҳҳои ташхисӣ-табобатӣ | номгӯй | 25 | 16.07.2012 соати 10[30] |

1.Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақоми Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2.Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3.Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢Дафтарчаи имтиҳонии №68/00-и гумшуда, ки онро Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли 2000 ба Кабирова Шамсия додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0008505 бо РЯМ 1930000775-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Восеъ 9 декабри соли 2009 ба хоҷагии деҳқонии «Фирӯз» додааст, эътибор надорад.

➢Дипломи силсилаи ДТО № 0070881-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2010 бо ихтисоси системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт ба Шакармамадов Душанбе Азизшоевич додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи хатми синфи нӯҳуми силсилаи А №637150-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Файзобод соли 1990 ба Ибодуллоева Маърифат додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи хатми синфи ҳаштуми №532427-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №60-и шаҳри Душанбе 20 июли соли 1973 ба Домулоджонов Фазлиддин додааст, эътибор надорад.

➢Патенти № 0226445-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 5 июни соли 2012 ба Сидиқов Неъматҷон додааст, эътибор надорад.

➢Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 1993 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 82, ҳуҷраи 32 ба Сафаров Шералӣ Музафарович додааст, эътибор надорад.

➢ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 1993 бо суроғаи ш.Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 82, ҳуҷраи 32 ба Сафаров Шералӣ Музафарович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

➢Шаҳрванд Беҳрузи Бобокалон, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0145418 бо РЯМ 0930042924 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 24 декабри соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ассамблеяи Байнипарламентии АврОсиё бинобар вафоти нобаҳангоми вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви комиссияи доимии Ассамблеяи Байнипарламентии АврОсиё оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ

**ХАДИЧА ҲАКИМОВА**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамояд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун
**Садои МАРДУМ**

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 25 июни соли 2012, соати 17.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26647 нусха

Навбатдори шумора Тилло Неккадамов

Тарроҳи компютерӣ И. Самохин